Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №52-53 (2879-2880) | ҶУМЪА, 27 АПРЕЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Мулоқот бо Сергей Лавров



**24 апрели соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вазири корҳои хориҷии Федератсияи Россия Сергей Лавровро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот паҳлуҳои гуногуни муносибот ва ҳамкории бисёрҷанбаи Ҷумҳурии Тоҷикистону Федератсияи Россия баррасӣ шуд.

Бо ишора ба хислати стратегӣ ва дарозмуддати шарикии Ҷумҳурии Тоҷикистону Федератсияи Россия Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт: «Тоҷикистон маҷмӯи пурраи шарикӣ бо Россияи аз ҳама ҷиҳат ба мо наздикро самти муҳимтарини сиёсати хориҷии худ мешуморад. Мо ба таҳким ва густариши бештари чунин шарикӣ ҳамаҷониба манфиатдорем».

Сергей Лавров дар навбати худ изҳор намуд, ки Федератсияи Россия низ ба таҳкиму густариши муносиботи стратегӣ ва иттифоқчигӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатдор аст ва пайваста барои ин талош меварзад.

Таваҷҷуҳи зиёд ба таҳкими ҳамгироии сиёсии Тоҷикистону Россия дар замони воқеиятҳои нави геополитикӣ дар ҷаҳон ва минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ зоҳир гардид.

Зимни баррасии масоили дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистону Федератсияи Россия, пеш аз ҳама ба сатҳ ва мӯҳтавои ҳамкории гуманитарии ду кишвар баҳои баланд дода шуд. Аз ҷумла ифтитоҳи филиали Донишкадаи пӯлод ва хӯлаи Москва дар шаҳри Душанбе аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон «тӯҳфаи пурарзиш дар арафаи 20-солагии муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистону Федератсияи Россия» номида шуд.

Ҷонибҳо аз сатҳ ва мазмуни ҳамгироии низомию амниятии ду кишвар изҳори қаноатмандӣ карда, ҳамзамон ба манзури дурнамои авзои минтақавӣ баъд аз хуруҷи неруҳои байналмилалии посдори сулҳ аз Афғонистон дар соли 2014 пурзӯр намудани онро зарур шумурданд.

Бо ёдоварӣ аз имкону захираҳои фаровони ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт, кишоварзӣ, алоқа ва ғайра Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуд: «Мо ба тавсиаи ҳамкории иқтисодии ҳамвазн бо ҳамгироии амниятӣ бо Россия манфиатдорем».

Сергей Лавров густариши ҳамкорӣ дар соҳаи гидроэнергетикаро самти афзалиятноки робитаҳои иқтисодӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон номида, ҳавасмандии Федератсияи Россияро ба рушди ҳамкории гуногунҷанбаи иқтисодӣ таъкид намуд.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба беҳсозии заминаи ҳуқуқию қарордодии фаъолият ва будубоши муҳоҷирони кории тоҷик дар Федератсияи Россия, ҳамкорӣ дар соҳаи нафту газ, масоили минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ва дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ сурат гирифт.

*www.prezident.tj*

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»**

## Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ш.ЗУҲУРОВ**

**ш.Душанбе, 25 апрели соли 2012 №742**

**Моддаи 1.** Ба моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 ноябри соли 2011 «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №11, мод.773; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2012, №798) қисми ҳафтум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Техника, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаро ташкил дода, барои эҳтиёҷоти сохтмони заводи сементбарории Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Хуаксин Ғаюр Семент» ворид мегарданд ва номгӯю миқдори онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2012 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 26 апрели соли 2012 №829**

## Барқияҳои шодбошӣ

**24 апрели соли 2012 Президенти Муғулистон Тсаҳиагийн Элбегдорж унвонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барқияи табрикотӣ ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла чунин гуфта мешавад:**

« Мӯҳтарам ҷаноби Президент!

Ба муносибати 20 – солагии барқароршавии муносибатҳои дипломатии байни кишварҳоямон аз номи халқи Муғулистон ва шахсан аз номи худам Шумо ва халқи дӯсти тоҷикро самимона муборакбод менамоям.

Аминам, ки муносибатҳои мутақобилан муфиду дӯстона ва ҳамкории байни мамлакатҳоямон минбаъд ҳам ба нафъи халқҳои Муғулистону Тоҷикистон рушду густариш меёбанд.

Аз фурсат истифода намуда, ба Шумо, Аълоҳазрат ҷаноби Президент, тансиҳатӣ, саодат ва ба халқи дӯсти Тоҷикистон шукуфоиро таманно дорам».

* * *

**24 апрели соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон унвонии Президенти Муғулистон Тсаҳиагийн Элбегдорж барқияи табрикотӣ ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла чунин омадааст:**

«Ҷаноби Олӣ!

Басо шарафмандам, ки ба муносибати бистсолагии барқароршавии муносибатҳои дипломатии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муғулистон Шуморо самимона муборакбод намуда, орзуҳои беҳтаринро иброз дорам.

Мутмаинам, ки муносибатҳои хуби дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан муфиде, ки тайи ин солҳо байни ҳар ду мамлакат ба миён омадаанд, минбаъд ҳам ба нафъи халқҳоямон ва манфиатҳои таҳкими минбаъдаи сулҳу суботи фазои васеи Осиё рушду густариш меёбанд.

Мо барои расидан ба ин мақсадҳои наҷиб ба ҳамкории минбаъдаи самарабахш бо дӯстони муғуламон ҳам дар чаҳорчӯбаи дуҷониба ва ҳам дар доираи созмонҳои байналмилалӣ, ки кишварҳоямон дар онҳо ширкат доранд, омодаем.

Аминам, ки мо бо истифода аз таҷрибаи мусбати солҳои гузашта ва саъю кӯшишҳои муштарак метавонем ба шаклҳои мухталифи ҳамкории мутақобилан муфиди Тоҷикистону Муғулистон суръати бештаре бахшем.

Табрикотамро ба муносибати ин санаи фархундаи таърихи муосири муносибатҳои кишварҳоямон бори дигар иброз дошта, ба Шумо, ҷаноби Президент, аз самими қалб тансиҳатӣ, беҳбудӣ, комёбиҳои нав ва ба халқи дӯсти Муғулистон сулҳу пешрафт ва шукуфоиро орзу менамоям».

*www.prezident.tj*

## Қабули эътимодномаҳо аз сафирони нав

**26 апрели соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз сафири нави Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Тоҷикистон Аббосалӣ Карим огли Гасанов эътимоднома қабул намуд.**

Зимни сӯҳбат, ки баъди маросими эътимодномасупорӣ сурат гирифт, ҳолати кунунӣ ва дурнамои муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории судбахши Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии Озарбойҷон баррасӣ шуд.

- Мо Ҷумҳурии Озарбойҷонро яке аз шарикони муҳими хеш дар фазои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил медонем, - изҳор дошт Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон.

Таваҷҷуҳи зиёд ба татбиқи амалии санадҳои қаблан имзошудаи миёни ду кишвар ва тасмимоти оянда, аз ҷумла тақвияти бештари заминаи қарордодию ҳуқуқии ҳамкории гуногунҷанба зоҳир карда шуд.

Натиҷаҳои ҷаласаи аввали Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии Озарбойҷон, ки чанде пеш дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд, боиси умедворӣ ба густариши минбаъдаи робитаҳо арзёбӣ гардид.

Зикр гардид, ки он рӯзҳо самтҳоиояндадори ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноати сабуку вазнин, гидроэнергетика ва нафту газ, кишоварзӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, фарҳанг ва туризм мушаххас гардонида шуданд.

Сафири нави Ҷумҳурии Озарбойҷон азми устувори худро барои саҳмгузории намоён дар татбиқи амалии нақшаҳои судбахши ҳамкорӣ таъкид намуд.

***

**26 апрели соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин аз сафири нави Британияи Кабир дар Тоҷикистон Робин Ҷереми Орд - Смит эътимоднома қабул намуд.**

Дар мулоқот, ки пас аз маросими эътимодномасупорӣ ҷараён гирифт, масоили ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистону Британияи Кабир баррасӣ шуд.

- Боиси қаноатмандӣ аст, ки Британияи Кабир имрӯз дар қатори дӯстону хайрхоҳони мо қарор дорад ва онро мо яке аз шарикони муҳими хеш дар минтақаи Аврупо медонем, - гуфт зимни сӯҳбат Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва афзуд: ки «мо хоҳони тавсеаи ҳамкории пойдору гуногунҷанбаи мутақобилан судманд бо Британияи Кабир мебошем».

Бо изҳори қаноатмандӣ аз ҳамкории минтақавии ду кишвар дар соҳаҳои мудофиа ва амният, аз ҷумла дар чаҳорчӯби мубориза муштараки зиддитеррористӣ ва сулҳсозии неруҳои эътилофӣ дар Афғонистон, густариши ҳамкории мутақобилан судбахши иқтисодӣ миёни Тоҷикистону Британияи Кабир зарур шумурда шуд.

Зимнан Робин Ҷереми Орд – Смит ба Сарвари давлат ва мардуми Тоҷикистон барои мавзеъгирии шоиста дар мусоидат ба неруҳои посдори сулҳ ва ҳам саҳми намоёни кишвари мо дар бозсозии иқтисодиёту иҷтимоиёти Афғонистон арзи қадрдонӣ намуд.

Робин Ҷереми Орд – Смит ҳамчунин изҳор дошт, ки «ҷалби сармояи зиёди Британияи Кабирро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои асосии замони сафирии худ дар ин ҷо» қарор додааст ва барои ин пайваста ҷаҳду талош хоҳад кард.

Барои ин тақвияти бештари заминаи қарордодию ҳуқуқии ҳамкории ду кишвар, аз ҷумла ба имзо расонидани як зумра санадҳои нав зарур дониста шуд.

Ҳар ду ҷониб омодагии устувори худро ба густариши ҳамкории гуногунҷанба таъкид намуданд.

*www.prezident.tj*

**● Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**



## Барномаи ислоҳоти судӣ-иқтисодӣ амалӣ мегардад

**25 апрели соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо дарбаргирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд:

**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»**

**3. Дар бораи Созишномаи грантӣ (Амалиёти махсус) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд оид ба Лоиҳаи беҳтар намудани роҳи минтақавии автомобилгарди Душанбе – сарҳади Ӯзбекистон (CAREC- коридори 3)**

**4. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**5. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС: - Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем.**

Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизов Зафар Нусратович дода мешавад.

**Зафар АЗИЗОВ: - Мӯҳтарам Раис, аъзои Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»», ки мутобиқи моддаи 58-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 таҳия шуда, ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, ба баррасии шумо манзур карда мешавад.

Боиси тазаккур аст, ки тағйиру иловаҳои мазкур бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш ва масъулияти касбии судяҳо, ба танзим даровардани сарбории онҳо ва баррасии парвандаҳои оилавӣ ва маъмурӣ, аз байн бурдани ҳолатҳои мунтазам такроран дар судҳо баррасӣ шудани парвандаҳо ва кам кардани марҳилаҳои судӣ пешниҳод шуда, дар маҷмӯъ ба таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиати давлат ва корхонаву ташкилотҳо равона гардидаанд.



Аз ҷумла тибқи иловаҳо ба моддаҳои 12, 39, 59, 97 ва 135 судя дар ду сол як маротиба ба такмили ихтисос фаро гирифта шуда, охири ҳар сол дар бораи фаъолияти солонаи худ мувофиқан ба раиси Суди Олӣ, раиси Суди Олии иқтисодӣ ва раиси Шӯрои адлия ахборот пешниҳод менамояд.

Тағйироти ба моддаҳои 23, 46, 76 пешниҳодгардида судҳои болоӣ, яъне Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, вилоятҳо ва шаҳри Душанберо водор месозанд, ки дар сурати ду маротиба бекор шудани ҳалномаҳо ва қарорҳои судӣ вобаста ба парвандаи мушаххас, ин парвандаро ба истеҳсолоти худ қабул карда, ба сифати суди марҳилаи якум баррасӣ намоянд.

Ба моддаҳои 39, 59, 68, 82, 88, 93, 97 иловаҳо пешниҳод шуда, раисони судҳоро ҷиҳати ба танзим даровардани сарбории судяҳо бобати тақсими парвандаҳои судӣ салоҳиятнок карда истодаанд.

Ғайр аз ин, дар моддаи 88 тағйирот ворид карда, ба салоҳияти раисони судҳои шаҳр ва ноҳия, бо дарназардошти савияи дониши касбӣ ва сарборӣ, муайян намудани судяҳое, ки парвандаҳои оилавӣ ва маъмуриро баррасӣ менамоянд, вогузор гардидааст.

Ҳамчунин тағйирот ба моддаҳои 46, 48, 57, 92, 93[1] аз сохтори судҳои иқтисодӣ хориҷ намудани як марҳилаи судӣ, яъне зинаи апеллятсиониро пешбинӣ кардаанд.

Ҳамзамон дар моддаи 57-уми лоиҳаи қонун салоҳияти коллегияи Суди Олии иқтисодӣ ҳамчун марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ васеъ карда шуда, имконияти бартараф кардани носаҳеҳиҳои ҷойдошта ва пурраву ҳаматарафа баррасӣ намудани парвандаҳои иқтисодӣ, аз ҷониби ин марҳилаи судӣ дар назар дошта шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар мувофиқа бо Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон ҷонибдорӣ ва мукаммал гардидааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Ҳакимова Хадича Фатҳуллоевна дода мешавад.

**Хадича ҲАКИМОВА: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**



Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои Барномаи ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки тағйиру иловаҳои мазкур баҳри аз байн бурдани таҷрибаи муддатҳои тӯлонӣ баррасӣ намудани парвандаҳо, ба баррасии нав ба судҳои қаблан онро баррасӣ намуда фиристонидан, пешгирии ҳолатҳои такроран ва беасос бекор намудани санадҳои судӣ аз ҷониби судҳои болоӣ равона гардидааст.

Дар маҷмӯъ, ин ва дигар тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда сохтор ва фаъолияти мақомоти судиро такмил дода, масъулияти судяҳоро дар баррасии парвандаҳо ва қабули санадҳои судии қонунӣ ва асоснок баланд мебардоранд.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор дода, дар маҷмӯъ онро ҷонибдорӣ намуда, баробари ин барои мукаммалгардонии он 54 таклифу дархост пешниҳод намуданд.

Кумитаи масъул лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар ҷаласаи васеи Кумита бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.А. Ғафорова, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, аз 54 таклифу дархости пешниҳодшуда 52-тоашро пурра ва қисман қабул карданд. 2 пешниҳод қабул нагардид. Ҳамаи пешниҳодҳои зикргардида дар мувофиқа бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ворид карда шуданд, аз ҷумла:

Матни қисми 1-уми лоиҳаи қонуни мазкур дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Судя дар ду сол як маротиба ба такмили ихтисос фаро гирифта шуда, пас аз хатми он ба ӯ бо тартиби муқарраргардида сертификат дода мешавад.».

(Идома дар саҳ. 2)

## Қарори якҷояи
### Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қатъ намудани ваколати муовини аввали Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғуломов А. бо сабаби вафоташ»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 сентябри соли 2011, №1143 «Дар бораи қатъ намудани ваколати муовини аввали Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғуломов Асадулло бо сабаби вафоташ» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 20 апрели соли 2012 № 27**

## Қарори якҷояи
### Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Қаҳоров А.А.»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2012, №1186 «Дар бораи аз вазифаи вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Қаҳоров Абдураҳим Абдулаҳадович» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 20 апрели соли 2012 № 28**

## Қарори якҷояи
### Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Худоёров Б. Т.»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2012, №1200 «Дар бораи аз вазифаи вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Худоёров Бахтиёр Таварович» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 20 апрели соли 2012 № 29**

## Қарори якҷояи
### Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҳмонов А.А.»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2012, №1207 «Дар бораи аз вазифаи вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҳмонов Абдуҷаббор Азизович» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 20 апрели соли 2012 № 30**

## Қарори якҷояи
### Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҳамралиев Ф.М.»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2012, №1230 «Дар бораи аз вазифаи вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҳамралиев Фаррух Маҳмудович» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 20 апрели соли 2012 № 31**

## Қарори якҷояи
### Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Давлатов М. С.»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2012, №1198 «Дар бораи муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Давлатов Матлубхон Султонович» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 20 апрели соли 2012 № 32**

## Қарори якҷояи
### Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Раҳимов Р. Ҳ.»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2012, №1188 «Дар бораи вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Раҳимов Рамазон Ҳамроевич» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 20 апрели соли 2012 № 33**

## Қарори якҷояи
### Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Менглиев Р. Ш.»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2012, №1201 «Дар бораи вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Менглиев Рустам Шомуродович» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 20 апрели соли 2012 № 34**

## Қарори якҷояи
### Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Саидов Н. С.»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2012, №1208 «Дар бораи вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Саидов Нуриддин Саидович» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 20 апрели соли 2012 № 35**

## Қарори якҷояи
### Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Шариф Раҳимзода»**

Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2012, №1235 «Дар бораи вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Шариф Раҳимзода» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 20 апрели соли 2012 № 36**

## Қарори якҷояи
### Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Дастури ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунанд:**

Моддаи 4 Дастури ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2000 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2000, №4, мод. 184; с.2005, №4, мод. 186; с.2011, №4, мод. 294) дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 4. Тартиби кори ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди Раиси Маҷлиси миллӣ ё Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори ҷаласаи якҷоя тасдиқ карда мешавад.».

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 20 апрели соли 2012 №26**

# Барномаиислоҳоти судӣ-иқтисодӣ амалӣ мегардад

**(Идома аз саҳ. 1)**

Қисми 2-юми лоиҳаи қонуни мазкур дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«2. Сархати якуми моддаи 23 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«дар доираи салоҳияти худ парвандаҳоро ба сифати суди марҳилаҳои якум, кассатсионӣ, назоратӣ ва аз рӯйи ҳолатҳои нав ошкоргардида, инчунин дар сурати ду маротиба бекор намудани ҳалномаҳо ва қарорҳои судӣ вобаста ба парвандаи мушаххас, ин парвандаро ба истеҳсолоти худ қабул намуда, баррасӣ менамояд;».

Дар сархатҳои якум ва дуюми қисми 3-юми лоиҳаи қонуни мазкур калимаҳои «Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» илова карда шуданд.

Сархати сеюми қисми 4-уми лоиҳаи қонуни мазкур дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- аз сархати чорум калимаҳои «ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи апеллятсионӣ» хориҷ карда шаванд.».

Сархатҳои якум ва дуюми қисми 5-уми лоиҳаи қонуни мазкур дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- дар сархати сеюм калимаи «апеллятсионӣ» ба калимаи «кассатсионӣ» иваз карда шуда, пас аз калимаи «қарорҳои» калимаҳои «судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва» илова карда шаванд;

- дар сархати чорум калимаҳои «кассатсионӣ» ва «судҳои иқтисодӣ,» мувофиқан ба калимаҳои «назоратӣ» ва «судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон,» иваз карда шаванд.».

Қисми 7-уми лоиҳаи қонуни мазкур дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«7. Моддаи 57 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

Моддаи 57. Коллегияи судии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби судяҳои Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон коллегияи судӣ ташкил карда мешавад, ки онро Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

Ба коллегияи судии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муовинони раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон раисӣ мекунад. Ҳангоми ҳозир набудани он, бо амри раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини дигар ё яке аз судяҳои Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба коллегияи судӣ раисӣ мекунад.

Коллегияи судии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳоро дар марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ баррасӣ менамояд, таҷрибаи судиро меомӯзад ва ҷамъбаст мекунад, доир ба такмил додани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таклифҳо таҳия месозад, омори судиро таҳлил мекунад, инчунин ваколатҳои дигареро, ки дастури Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, амалӣ менамояд.».

Дар сархатҳои якум ва дуюми қисми 8-уми лоиҳаи қонуни мазкур калимаҳои «Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» илова карда шуданд.

Қисми 11-уми лоиҳаи қонуни мазкур дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«11. Сархати якуми қисми якуми моддаи 76 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«дар доираи салоҳияти худ парвандаҳоро ба сифати суди марҳилаҳои якум, кассатсионӣ, назоратӣ ва аз рӯйи ҳолатҳои нав ошкоргардида, инчунин дар сурати ду маротиба бекор намудани ҳалномаҳо ва қарорҳои судӣ вобаста ба парвандаи мушаххас, ин парвандаро ба истеҳсолоти худ қабул намуда, баррасӣ менамоянд;».

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф намебошад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон бо дарназардошти ворид намудани тағйиру иловаҳои пешниҳодгардида лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» -ро барои баррасӣ ба шумо пешниҳод менамояд ва хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷмуддинов Сафаралӣ Маҳсуддинович дода мешавад.



**Сафаралӣ НАҶМУДДИНОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Ба муҳокимаи шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» пешниҳод гардидааст.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 ба масъалаи ҳавасмандсозӣ ва дастгирии соҳибкорон ва молистеҳсолкунандагони ватанӣ диққати махсус дода шудааст. Инчунин ҷиҳати аз тамоми пардохтҳои андозию гумрукӣ озод намудани воридоти таҷҳизоту технологияҳои муосир супоришҳои дахлдор дода шудааст, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар амал татбиқ намудани онҳо чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

ҶДММ «Хуаксин Ғаюр Семент» пешниҳод намудааст, ки дар ноҳияи Ёвон заводи сементбарорӣ бо иқтидори истеҳсолии 1 млн. тонна семент дар як сол ва 1000 ҷойи корӣ бо арзиши лоиҳавии 100 млн. доллари ИМА сохта ба истифода диҳад. Аз ин маблағ 77 млн. доллари ИМА танҳо барои ворид намудани хати технологии истеҳсолӣ, таҷҳизот, техника, маводи сохтмонӣ ва ғайраҳо сарф мегардад.

Бо назардошти қонеъ гардонидани талаботи истеъмолӣ бо семент ва зиёд намудани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»» оид ба додани имтиёзҳои иловагии андозӣ бобати ворид намудани техника, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маводи такмилии онҳо барои эҳтиёҷоти сохтмони заводи сементбарорӣ дар ноҳияи Ёвон, ки маблағи озодшавии он аз пардохтҳои гумрукӣ-60,7 млн. сомонӣ, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда -47,5 млн. сомонӣ ва боҷи гумрукӣ – 13,2 млн. сомониро ташкил медиҳад, таҳия гардидааст.

Мувофиқи дурнамои нақшаи истеҳсолӣ ҳангоми бо иқтидори пурраи истеҳсолӣ фаъолият намудан, корхона имкон дорад ба андозаи 700 млн.сомонӣ семент истеҳсол намояд, ки аз ин ҳисоб ба буҷети давлат имкони танҳо аз андоз аз арзиши иловашуда зиёда 100 млн.сомонӣ маблағ ворид намуданро дорад.

Аз шумо, мӯҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон, эҳтиромона хоҳишмандам, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Гулов Сафаралӣ дода мешавад.



**Сафаралӣ ГУЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012 таҳти №131 пешниҳод ва бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012 таҳти №1158 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Дар лоиҳа пешниҳод гардидааст, ки ба моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» қисми ҳафтум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Техника, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаро ташкил дода, барои эҳтиёҷоти сохтмони заводи сементбарории Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Хуаксин Ғаюр Семент» ворид мегарданд ва номгӯю миқдори онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд.».

19 апрели соли 2012 дар ҷаласаи васеи кумита лоиҳаи қонуни мазкур бо иштироки намояндагони кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷонибдорӣ карда шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»-ро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - «Дар бораи Созишномаи грантӣ (Амалиёти махсус) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд оид ба Лоиҳаи беҳтар намудани роҳи минтақавии автомобилгарди Душанбе – сарҳади Ӯзбекистон (CAREC- коридори 3)» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷмуддинов Сафаралӣ Маҳсуддинович дода мешавад.

**Сафаралӣ НАҶМУДДИНОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Ба муҳокимаи шумо Лоиҳаи инвеститсионии «Беҳтар намудани роҳи минтақавии автомобилгарди Душанбе – сарҳади Ӯзбекистон (Турсунзода)» пешниҳод гардидааст.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия диққати махсус дода шуда, он яке аз соҳаҳои афзалиятнок муайян гардидааст ва Барномаи стратегии давлат ба шумор меравад.

Тоҷикистон яке аз давлатҳое маҳсуб меёбад, ки роҳи баромади баҳрӣ надорад ва барои боркашонии байниминтақавӣ имкониятҳои хеле хуб дошта, дорои шабакаи калони роҳи автомобилгард мебошад, ки тақрибан 80 фоизи боркашонии дохилӣ аз тариқи нақлиёти автомобилӣ сурат мегирад.

**(Идома дар саҳ. 3)**

# Барномаи ислоҳоти судӣ-иқтисодӣ амалӣ мегардад

(Идома аз саҳ. 1, 2)

Ҳадафи Лоиҳаи «Беҳтар намудани роҳи минтақавии автомобилгарди Душанбе – сарҳади Ӯзбекистон (Турсунзода)» барқарорсозӣ, васеъкунӣ ва беҳсозии роҳи мавҷудбуда аз шаҳри Душанбе то сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва инчунин барқарорсозии заҳбурҳо ва кӯпрукҳо мебошад.

Лоиҳа 57 км. роҳи нақлиётии Осиёи Марказиро (CAREC-коридори 3) дар бар гирифта, дар ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ҳисор, Шаҳринав ва Турсунзода татбиқ мегардад.

Ба итмом расидани он соли 2015 дар назар дошта шудааст.

Маблағи умумии лоиҳа 186,0 млн. доллари ИМА мебошад, ки аз он маблағгузории Бонки Осиёии Рушд 120,0 млн. доллари ИМА маблағҳои грантӣ буда, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 39,0 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Инчунин ба имзо расонидани Созишномаи қарзӣ бо Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ба маблағи 27,0 млн. доллари ИМА маблағҳои қарзӣ дар назар дошта шудааст.

Барои иҷрои корҳои сохтмонӣ зиёда аз 86 механизму таҷҳизоти гуногуни роҳсозӣ сафарбар карда шуда, 382 мутахассис ва коргар, аз ҷумла 192 нафар шаҳрванди ҷумҳурӣ ба кор ҷалб карда шудаанд.

Таҷдиди роҳи мазкур барои ташкили марказҳои нави иқтисодӣ имконият фароҳам оварда, боиси рушди деҳот ва шаҳрҳои саноатӣ мегардад, ки бевосита ба болоравии сатҳи зиндагонии аҳолии мамлакат мусоидат хоҳад кард.

Аз шумо, мӯҳтарам вакилон, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодгардидаро дастгирӣ ва тасдиқ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Расулов Ашӯрбег Раҳматуллоевич дода мешавад.

**Ашӯрбег РАСУЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи грантии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд оид ба Лоиҳаи беҳтар намудани роҳи автомобилгарди минтақавии Душанбе-сарҳади Ӯзбекистон, ки 20 январи соли 2011 дар шаҳри Душанбе ба имзо расонида шудааст, мутобиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.



Мутобиқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012 таҳти № 1163 Созишномаи грантии мазкур барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шудааст.

Роҳи автомобилгарди Душанбе-Турсунзода-сарҳади Ӯзбекистон, ки дар доираи Созишномаи грантии лоиҳаи мазкур таҷдид ва азнавсозӣ мегардад, яке аз қитъаҳои муҳимтарини хати роҳи минтақавии Осиёи Марказӣ мебошад. Роҳи мазкур ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Тоҷикистон, Афғонистон ва Ӯзбекистонро бо ҳам пайваст намуда, як қисми хати роҳи трансосиёгӣ мебошад, ки алоқаи нақлиётиро бо укёнус, бандарҳои Эрон ва Покистон дар ҷануб, Федератсияи Россия дар шимол ва Туркияву Аврупо дар Ғарб таъмин менамояд.

Азнавсозии роҳи Душанбе – сарҳади Ӯзбекистон дар масофаи 57 километр, аз ҷумла аз дарвозаи ғарбии шаҳри Душанбе то шаҳри Турсунзода 45 километр бо паҳноии роҳ 25,5 метр ва ҳаракати чорхатаи нақлиёти категорияи 1-ум ва аз шаҳри Турсунзода то сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар масофаи 12 км бо паҳноҳии



15 метр ва ҳаракати духатаи нақлиёти категорияи 2-юмро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин бо лоиҳа сохтмон ва барқароркунии 14 адад кӯпрукҳо, беҳтар намудани инфраструктураи дидбонгоҳи гумрукӣ (таҷдиди дидбонгоҳ ва хариди таҷҳизот) пешбинӣ гардидааст.

Тибқи Созишномаи мазкур ҷудо намудани грант ба маблағи 120,0 миллион доллари ИМА аз ҳисоби маблағҳои фондҳои махсуси Бонки Осиёии Рушд барои беҳтар намудани роҳи автомобилгарди Душанбе- сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешбинӣ карда шудааст.

Созишномаи грантии зикргардида мутобиқи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи марҳилаҳои дахлдорро дар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва ҳамчунин дар шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст ва дар ҷаласаи васеи кумитаи масъул 19 апрели соли 2012 бо иштироки вакилони мутасаддии кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст.

Созишномаи грантии мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Бо назардошти гуфтаҳои зикргардида аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ба ҷонибдории Созишномаи грантии пешниҳодгардида овоз диҳед.

*Доир ба тасдиқи Созишномаи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизов Зафар Нусратович дода мешавад.

**Зафар АЗИЗОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Ба муҳокимаи шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки мутобиқи моддаи 58-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри иҷрои Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 таҳия гардида, ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур шудааст, пешниҳод карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки тағйиру иловаҳои мазкур бобати аз байн бурдани ҳолатҳои якчанд маротиба такроран дар судҳо баррасӣ шудани парвандаҳо, мукаммал гардонидани меъёрҳои Кодекс, мутобиқ гардонидани онҳо бо дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба танзим даровардани мӯҳлатҳои мурофиавӣ, тартиби овардани шикоят ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд ва дигарҳо пешниҳод шуда, ҳадаф аз ин риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиати давлат ва корхонаву ташкилотҳо мебошад.

Чунончӣ, ба моддаҳои 28, 29, 350 ва 379 иловаҳо пешниҳод гардида, ба судҳои болоӣ, яъне Суди Олӣ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе вогузор шудааст, ки дар сурати ду маротиба бекор шудани ҳалномаҳо ва қарорҳои судӣ вобаста ба парвандаи мушаххас, ин парвандаро ба истеҳсолоти худ қабул намуда, ба сифати суди марҳилаи якум баррасӣ намоянд.

Тағйиротҳои ба матни Кодекс, аз ҷумла ба моддаҳои 72, 83, 116, 118 ва дигарҳо, дар маҷмӯъ ба 26 модда пешниҳодшуда иваз намудани калимаҳои «ном, номи падар, фамилия»-ро мутаносибан ба калимаҳои «насаб, ном, номи падар» дар назар дорад.

Тибқи илова ба моддаи 107 ба шахсе, ки ҷаримабандӣ шудааст, ҳуқуқи овардани шикоят аз болои таъиноти суд пешбинӣ гардидааст.

Дар моддаи 124 номгӯйи талаботе, ки тарзи мурофиаи фармонӣ ҳал карда мешаванд, оварда шудааст. Бо дарназардошти он ки бобати рӯёнидани алимент ба тариқи устувор баҳс ба амал омаданаш мумкин аст, ҳолати мазкур аз баррасии фармонӣ истисно карда шудааст.

Иловаҳо ба қисми 3 моддаи 127 судяро вазифадор месозанд, ки таъинотро дар хусуси рад намудани қабули ариза ё баргардонидани он дар мӯҳлати на дертар аз ду рӯз ба ситонанда ирсол намоянд ва охирин метавонад дар мӯҳлати даҳ рӯз аз рӯзи гирифтани нусхаи таъинот нисбат ба он шикоят пешниҳод кунад.

Ҷиҳати ба танзим даровардани мӯҳлатҳои мурофиавӣ дар моддаи 128 барои ислоҳи норасоиҳои ариза, ки бобати беҳаракат монондани он асос мешаванд, панҷ рӯз мӯҳлат муқаррар гардид.

Дар қисми 2-юми моддаи 130 талабот оиди мӯҳтавои фармон дарҷ гардида, барои аниқ намудани мазмуни он пешниҳод шудааст, ки калимаи «сана» ба калимаҳои «рӯз, моҳ, сол» иваз карда шавад, зеро ин маълумотҳо оиди таваллуд, ҷиҳати рӯёнидани алимент барои ноболиғ аҳамият доранд.

Бо мақсади таъмини ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиа таклиф шудааст, ки дар қисми 3-юми моддаи 130 тартиб додани фармон бо теъдоди ситонандаҳо ва қарздорон нишон дода шавад.

Бинобар он ки мутобиқи моддаҳои 25, 26 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ суд ӯҳдадории ба амал баровардани таъқиби ҷиноятиро надорад, аз қисми 3-юми моддаи 231 салоҳияти суд оиди оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ хориҷ гардид.

Ҳамчунин бобати риояи ҳуқуқи овардани шикоят ба қарорҳои судӣ дар моддаи 231 қисми 4 илова гардид, ки мувофиқи талаботи он аз болои таъиноти хусусӣ низ шикоят кардан мумкин аст.

Бо дарназардошти манфиатҳои ноболиғон ва ба иҷро расонидани санадҳои судие, ки ба ҳуқуқҳои ноболиғон таъсир мерасонанд, ба моддаи 248 ворид намудани тағйирот пешниҳод шуда, тартиби ошкоро супоридани ҳалномаи ғоибона ва эътибори қонунӣ пайдо кардани онро муқаррар кардааст.

Инчунин ҷиҳати таъмини ҳифзи ҳуқуқи инсон ва ҳаматарафаву пурра баррасӣ гардидани ариза дар бораи бедарак эътироф намудани шаҳрванд ё фавтида эълон кардани шаҳрванд, дар моддаи 283 илова намудани қисми 4 пешниҳод шуда, дар он тартиби дар воситаҳои ахбори омма оиди дар суд оғоз шудани чунин парванда эълон нашр намудан муайян гардид.

Мувофиқи талаботи моддаи 30-юми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарорҳои марҳилаи назоратӣ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи аъзо, ки дар ҷаласа иштирок кардаанд, қабул мегардад, аз ин лиҳоз қисми 5 моддаи 375 ба қонуни мазкур мутобиқ гардонида, зимни баррасии парвандаҳо қабули масъалаҳо бо ҳамин тартиб пешбинӣ карда шуд.

Моддаи 427 дар таҳрири нав ифода гардид. Ба Кодекс моддаи 427[1] илова карда, дар онҳо ҳуқуқи овардани шикоят нисбат ба қарор, амали иҷрочии суд ва мӯҳлату тартиби баррасии онҳо нишон дода шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар мувофиқа бо Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон онро дастгирӣ ва мукаммал намудааст.

Вакилони мӯҳтарам, аз шумо ҷонибдорӣ намудани лоиҳаи қонуни мазкурро эҳтиромона хоҳиш дорам.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Самадов Тӯрахон Давлатович дода мешавад.



**Тӯрахон САМАДОВ: -Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2011 таҳти №957 ва аз 13 феврали соли 2012 таҳти №1086 лоиҳаҳо барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буданд. Мувофиқи талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо дар як лоиҳа якҷоя карда шуданд.

Лоиҳаҳои қонун бо мақсади беҳтаргардонии фаъолияти низоми адолати судӣ, рушди мурофиаҳои тосудӣ ва ғайрисудии ҳалли баҳсҳо, ба танзим даровардани мӯҳлат ва тартиби баррасии парвандаҳо, дар амал татбиқ намудани муқаррароти меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» таҳия ва пешниҳод гардидаанд. Ҳадафҳои асосии лоиҳаҳо баланд бардоштани масъулияти судҳо дар ҳалли дурусти баҳсҳо, инчунин иҷрои маҷбурии ҳалномаҳо доир ба водор намудани ҷавобгар ба содир намудани амали муайян мебошад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои мазкурро омӯхта, ҷиҳати мукаммал намудани онҳо 50 таклифу пешниҳод ирсол намуданд.

Кумитаи масъул 9 марти соли 2012 ҷаласаи васеъ гузаронида, бо иштироки намояндагони кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳоро баррасӣ намуд.

Дар натиҷаи муҳокима аз 50 таклифу пешниҳод 43 ададаш қобили қабул шуморида шуда, дар мувофиқа бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ онҳо ба лоиҳа ворид карда шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намуда, онро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Бо мақсади амалӣ гардонидани барномаи давлатии ислоҳоти судӣ дар як вақт се лоиҳаи қонунҳо ворид гардида, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд. Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», лоиҳаҳои қонунҳо «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Бо мақсади якхела кардани мафҳум ва истилоҳоти дар ин қонунҳо истифодашаванда пас аз баррасӣ шудани лоиҳаи қонуни мазкур дар Шӯрои Маҷлиси намояндагон дар мувофиқа бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонунҳо баъзе тағйиротҳо ворид карда шуданд. Хоҳишмандам вақти қабули қонун онҳоро ба назар гиред.

Дар қисмҳои 2 ва 3 калимаҳои «санадҳои судӣ» ба калимаҳои «ҳалномаҳо ва қарорҳои судӣ», калимаҳои «баррасии худ» ба калимаҳои «истеҳсолоти худ қабул намуда» ва калимаи «қабул» ба калимаи «баррасӣ» иваз карда шуданд.

Дар қисмҳои 20 ва 24 калимаҳои «санадҳои судӣ», «худ» ва «баррасӣ» мувофиқан ба калимаҳои «ҳалномаҳо ва қарорҳои судӣ», «ҳамин суд» ва «ирсол» иваз карда шуданд.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:**- Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғоибназаров Амирхоҷа дода мешавад.



**Амирхоҷа ҒОИБНАЗАРОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 3 январи соли 2011 Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 тасдиқ карда шудааст. Мақсади асосии барномаи мазкур аз таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои қонунии давлат, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, такмили сохторҳои судӣ ва тақвияти фаъолияти онҳо, инчунин такмили қонунҳои марбута ва татбиқи якхелаи онҳо иборат мебошад.

Такмил додани қонунҳои моддию мурофиавӣ ва дигар қонунҳои марбута ба татбиқи якхелаи онҳо бартараф намудани монеаҳои зиёдатӣ, аз ҷумла такмили марҳилаҳои судӣ, сари вақт ва дар мӯҳлати кӯтоҳ баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо, роҳ надодан ба кашолкорӣ ва умуман беҳдошти фаъолияти судҳо, осону камхарҷ гардонидани кори судяҳо, бартарафсозии ҳолату меъёрҳои ба содир намудани амалҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда ва дар ниҳояти кор ба таъмини риояи ҳуқуқҳои конститутсионии инсону шаҳрванд, ҳимояи манфиати давлат, корхона, муассисаҳою дигар ташкилотҳо амалӣ гардидани қонунҳо ва таъмини адолат мусоидати ҳаматарафа менамояд. Зеро омӯзиш ва таҳлили фаъолияти судҳо нишон медиҳад, ки барои ҳалли як баҳси гражданӣ ё иқтисодӣ тарафҳо тавассути марҳилаҳои зиёд ва тарзу усули мураккаби баррасии парвандаҳо вақти зиёд сарф менамоянд ва чунин тарзу усули кор дар як вақт ба фаъолияти судҳо мушкилиҳо низ эҷод мекунад.

Баҳри амалӣ намудани барномаи мазкур ва бо истифода аз ташаббуси ҳуқуқи қонунгузорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо такмили он аз тарафи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия ва барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст. Лоиҳаи қонуни мазкур баҳри такмили минбаъдаи қонунгузории мурофиаи судии иқтисодӣ, такмили принсипи мубоҳисавӣ, баробарии тарафҳо дар мурофиа, такмили мурофиаҳои судӣ, сари вақт ва дар мӯҳлати кӯтоҳ баррасию ҳал намудани парвандаҳо, роҳ надодан ба кашолкорӣ ва таъмини мутобиқати дохилии меъёрҳои Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Кодекси мазкур аз 1 апрели соли 2008 мавриди амал қарор дода шуда, ба он як маротиба тағйироту иловаҳо ворид гардидааст. Аммо дар ҷараёни татбиқи он як қатор номутобиқатӣ ва номувофиқатӣ ба қонунгузории амалкунанда, инчунин мухолифати баъзе меъёрҳои Кодекс ба якдигар ошкор карда шуд, ки дар татбиқи самаранокии он монеаҳоро пеш меоварад.

Мувофиқи лоиҳаи қонуни мазкур ба Кодекс миқдори зиёди тағйиру иловаҳо, моддаҳои нав ва боби нав илова мегардад, ки дар маҷмӯъ ба мукаммал намудани мазмуну мундариҷаи Кодекси амалкунанда ва таъмини мутобиқати байниҳамдигарии муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона карда шудааст.

Бо мақсади такмили марҳилаҳои судӣ, сари вақт ва дар мӯҳлати кӯтоҳ баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳо, роҳ надодан ба кашолкорӣ, такрор ба такрор баррасӣ накардани парвандаҳо аз Кодекси амалкунанда марҳилаи апеллятсионӣ хориҷ карда шудааст, чунки мувофиқи қисми 1 моддаи 247 Кодекси амалкунанда дар вақти баррасии парванда бо тартиби истеҳсолоти апеллятсионӣ суд бо далелҳои дар парванда мавҷудбуда ва далелҳои иловагии пешниҳодшуда такроран парвандаро баррасӣ мекунад.

Инчунин салоҳияти марҳилаи кассатсионӣ зиёд карда шудааст, аз ҷумла ҳамаи ваколатҳои марҳилаи апеллятсионӣ ба марҳилаи кассатсионӣ дода шудаанд. Чунончӣ, дар марҳилаи кассатсионӣ парванда дар маҷлиси судӣ дар ҳайати дастаҷамъии судяҳо бо тартиби баррасии парванда дар суди иқтисодии марҳилаи якум мутобиқи муқаррароти Кодекси мазкур баррасӣ мегардад, инчунин мувофиқи тағйирот аз тарафи марҳилаи кассатсионӣ далелҳои иловагӣ қабул карда мешаванд. Мувофиқи Кодекси амалкунанда суди марҳилаи кассатсионӣ қонунӣ будани санадҳои қабулкардаи суди иқтисодии марҳилаи якум ва апеллятсиониро санҷида, татбиқи дурусти меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ ва мурофиавиро дар вақти баррасии парванда ва қабули санади мавриди шикоят қароргирифтаи судиро бо назардошти ваҷҳҳое, ки дар шикояти кассатсионӣ ва норозигӣ ба шикоят ҷой доранд, агар дар Кодекси мазкур тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, муайян мекунад.

Бо мақсади сари вақт ва дар мӯҳлати кӯтоҳ баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳо дар моддаи 133 Кодекс тағйирот ворид карда шуда, калимаи «ду» ба калимаи «як» иваз карда шудааст, яъне агар дар Кодекси амалкунанда омодасозии парванда дар мӯҳлати на зиёда аз ду моҳи баъди дохилшавии ариза ба суди иқтисодӣ пешбинӣ шуда бошад, ин мӯҳлат ба як моҳ оварда шудааст.

Инчунин дар моддаи 135 қисмҳои 5, 6 ва 7 илова карда шудаанд, ки мувофиқи он ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои 142, 143 сархатҳои 1,2,3,4,5 ва 6 моддаи 147, сархатҳои 1,2,3 ва 4 моддаи 149 Кодекси мазкур баррасии парванда дар маҷлиси пешакии судӣ мумкин аст боздошта шавад ё қатъ гардад ё ариза бе баррасӣ мононда шавад.

Мувофиқи қисми 7 ин модда дар маҷлиси пешакии судӣ мумкин аст аризаи шахсони иштироккунандаи парванда дар хусуси аз ҷониби даъвогар бе сабабҳои узрнок гузаронидани мӯҳлати даъво, ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муроҷиат ба суд баррасӣ гардад. Ҳангоми муайян намудани далели бе сабабҳои узрнок гузаронидани мӯҳлати даъво мӯҳлати муроҷиат ба суд, судя бе таҳқиқи дигар ҳолатҳои воқеии парванда дар хусуси рад намудани даъво ҳалнома қабул мекунад.

Ин ҳолат дар Кодекси амалкунанда ҷой надошт. Суд парвандаро дар маҷлиси судӣ моҳиятан баррасӣ намуда, гузаронидани мӯҳлати даъворо муҳокима намуда, ҳалнома қабул менамуд, ки ин ба кашолкорӣ оварда мерасонд.

Ба ғайр аз ин, дар банди 6 қисми 1 моддаи 248 Кодекс чунин илова пешниҳод шудааст: «Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати ду маротиба бекор намудани ҳалнома вобаста ба парвандаи мушаххас, ин парвандаро барои баррасӣ ба сифати суди марҳилаи якум ба Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамояд». Чунин талабот дар моддаи 284 Кодекс вобаста ба «салоҳияти Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи назоратӣ» низ пешниҳод шудааст.

Аз ин рӯ, ворид намудани тағйироту иловаҳои мазкур ба Кодекс барои сари вақт ва дар мӯҳлати кӯтоҳ баррасии аризаҳо ва шикоятҳо, роҳ надодан ба кашолкорӣ, инчунин ҳимояи саривақтии ҳуқуқи вайроншуда мусоидат мекунад.

Инчунин бо мақсади такмил додани марҳилаҳои судӣ ба марҳилаи назоратии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти куллӣ ворид карда шудаанд. Ҷумлаи 1 қисми 3 моддаи 17-уми Кодекс дар таҳрири зерин ифода шудааст: «Парвандаҳо дар коллегияи судии марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд».

Ба ғайр аз ин, боби нав «Боби 33», «Аз нав баррасӣ намудани санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокарда» пешниҳод карда шудааст, ки ин мурофиа дар суди марҳилаи назоратӣ аст.

Аз ҷумла мувофиқи қисми 2 моддаи 271 лоиҳаи қонун «Шикоят ё эътирози назоратӣ ба санадҳои судии зерин пешниҳод мегардад:

-оид ба ҳалнома ва таъиноти эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои иқтисодии марҳилаи якумба коллегияи судии марҳилаи назоратии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-оид ба қарорҳои коллегияи кассатсионӣ ва назоратии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Раёсати Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Инчунин моддаҳои нав, аз ҷумла моддаи 276 «Баррасии парвандаҳое, ки ба суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ талаб карда гирифта шудаанд». Мувофиқи қисми 1 ин модда, парвандаи талаб карда гирифтаро судя дар мӯҳлати на дертар аз ду моҳ баррасӣ менамояд. Чунин мӯҳлатро раиси суд ё муовини ӯ метавонад мутаносибан то як моҳи дигар дароз намояд. Иловаи боби нав бо мақсади мутобиқгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба якдигар, аз ҷумла мувофиқгардонии Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар қонунҳои мурофиавӣ ва барои ҳалли саривақтии парвандаҳо зарур аст.

Инчунин ба Кодекс моддаҳои $297^1$, $297^2$, $300^1$, $300^2$, $300^3$, $300^4$ дар хусуси барқарор намудани мӯҳлати гузаронидашуда ҷиҳати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷро, тавзеҳи санади судӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои судя ҷиҳати боздоштани истеҳсолоти иҷро, мӯҳлати боздоштани истеҳсолоти иҷро илова карда шудааст.

Дар Кодекси амалкунанда бошад, боздоштан, аз нав оғоз кардан ва қатъ кардани истеҳсолоти иҷро дар як модда нишон дода шуда, ҳолатҳои боздоштан, мӯҳлати боздоштан, ҳолатҳои қатъ кардани истеҳсолоти иҷро нишон дода нашуда буданд.

Инчунин моддаи 301 Кодекс дар таҳрири нав ифода карда шуда, моддаи 302 Кодекс «Мавқуф гузоштани амали иҷро» хориҷ карда шуда, моддаҳои 303 «Шикоят нисбат ба қарор амали (беамалии) иҷрочии судя», 304 «Мӯҳлат ва тартиби баррасии шикоят нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд» дар таҳрири нав ифода карда шудаанд.

Таҷрибаи имрӯзаи корӣ нишон медиҳад, ки вобаста ба баррасии ин масъалаҳо оид ба истеҳсолоти иҷро судҳо ба мушкилиҳо дучор мегарданд. Бинобар ин, иловаҳои зикршуда боиси саривақтии баррасии парвандаҳо вобаста ба иҷро гардидани санади судӣ, ба ғайр аз ин ҷиҳати дар мӯҳлати кӯтоҳ иҷро намудани санадҳои судии суди иқтисодӣ мусоидат менамоянд ва хеле бамаврид мебошанд.

Инчунин тағйироту иловаҳое, ки нисбати дигар моддаҳои дахлдори Кодекс пешниҳод шудаанд, мазмуни онҳоро пурра, фаҳмо, матнашонро бо талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқ мегардонанд.

Аз ҷумла дар сархати сеюми қисми 2 моддаи 198 калимаҳои «ном, насаб ва ё фамилияи» ба калимаҳои «насаб, ном ва номи падари» иваз карда шудаанд.

Ба ҳамин монанд дар сархатҳои якум, шашум ва ҳафтуми қисми 2 моддаи 250 Кодекс калимаҳои «ном, насаб ва ё фамилияи» ба калимаҳои «насаб, ном ва номи падари» иваз карда шудаанд.

Бар замми ин, дар меъёрҳои алоҳидаи Кодекси амалкунанда мафҳумҳое истифода бурда мешаванд, ки онҳо мақсади асосӣ ва мазмуни меъёрҳои қонунро ифода накарда, душворфаҳм буда, дар ҳар моддаи Кодекс бо якчанд шакл ифода ёфтаанд. Бо мақсади аз байн бурдани ин духӯрагӣ мафҳумҳои зикргардида иваз карда шудаанд.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ кунед.

**РАИС:**- Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Самадов Тӯрахон Давлатович дода мешавад.

**Тӯрахон САМАДОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

Бо қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2011 таҳти №956 ва аз 13 феврали соли 2012 таҳти №1085 лоиҳаҳо барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буданд. Мувофиқи талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо дар як лоиҳа якҷоя карда шуданд.

Лоиҳаҳои қайдгардида бо мақсади беҳтаргардонии фаъолияти низоми адолати судӣ, рушди мурофиаҳои тосудӣ ва ғайрисудии ҳалли баҳсҳо, ба танзим даровардани мӯҳлат ва тартиби баррасии парвандаҳо, дар амал татбиқ намудани муқаррароти меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», инчунин бо мақсади дуруст ба роҳ мондани фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ ва ситонидани маблағи экспертизаи давлатии судӣ таҳия ва пешниҳод гардидаанд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои қонуни мазкурро омӯхта, ҷиҳати мукаммал намудани он 102 таклифу пешниҳод ирсол намуданд.

Кумитаи масъул рӯзи 12 апрели соли 2012 ҷаласаи васеъ гузаронида, бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.Ғафорова, намояндагони кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳоро баррасӣ намуд.

Дар натиҷаи муҳокима аз 102 таклифу пешниҳод 94 адад қобили қабул шуморида шуда, дар мувофиқа бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ онҳо ба лоиҳа ворид карда шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Хоҳишмандам ба ҷонибдории он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст намуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

● Дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Дастури созанда барои ҷомеа

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миёни табақаҳои гуногуни аҳли ҷомеа ҳамовозии гарму ҷӯшон ба амал овард, зеро он аз нақшаҳои неку созанда иборат буд. Дар ин робита одамони касбу кор ва синну солашон гуногун ибрози назар карданд:**

**Мунаввара АХМЕДОВА – роҳбари бахши забонҳои хориҷии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №89, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, узви Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистону Олмон:**

Ман шарафёб шудам, ки Паёми Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмонро бевосита дар толори зебою барҳавои бӯстонсарои ҳукуматии Кохи Сомон шунавам. Воқеан ҳам суханони Сарвари давлат пурмӯҳтаво ва тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеаро фарогир асту чун дастури раҳнамо хизмат мекунад. Аз ҷумла боиси рӯҳбаландии ман он буд, ки дар Паём ба масъалаи рушди маориф, тақвияти забономӯзӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир шуд. «Давлату Ҳукумат аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба пешрафти илму маориф ҳамчун пойдевори рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа диққати махсус зоҳир намуда, ин равандро муттасил идома медиҳад»-зикр карданд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. Агар бевосита ба фаъолияти таълимгоҳи мо назар андозем, дар ин самт кори назаррас анҷом додаем. Дар мактаби мо, ки 2 ҳазору 672 нафар талабагон таҳсил мекунанд, пеш аз ҳама ба масъалаи омӯзиши забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Барои забономӯзии шогирдон тамоми шароит муҳайёст. Синфҳои махсуси бо компютерҳо муҷаҳҳаз дар ихтиёри толибилмон гузошта шудааст ва устодони варзида ба онҳо дарс мегӯянд. Дар натиҷа, дар самти забономӯзӣ ба як қатор комёбиҳо муваффақ гаштаем. Чунончӣ, давоми 11 соли роҳбариам дар ин мактаб 107 нафар толибилмонро ройгон ба Олмон фиристодем ва онҳо дар таълимгоҳҳои якчанд шаҳри ин кишвар таҷриба андӯхтанд. Мо мунтазам озмуну конфронсҳо, семинарҳо оид ба омӯзиши забони давлатӣ ва хориҷӣ мегузаронем. Мо, кормандони соҳаи маориф, бояд тамоми кӯшиши худро ба он равона созем, ки насли наврасу ҷавони кишвар аз донишҳои замонавӣ қафо намонанд, дӯстдори илму маърифат бошанд.

**Фаридун СОБИРОВ- мутахассиси пешбари Маркази омӯзиши тағйирёбии иқлим ва қабати озонии Муассисаи давлатии обуҳавошиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

Дар шароити имрӯза истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ - об, олами набототу ҳайвонот ва дигар захираҳои арзишманде, ки дар кишварамон мавҷуд аст, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим ҳисоб мешавад. Дар Паёми Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала низ зикр ёфта, таъкид шудааст, ки дар ин робита бояд ҳамкориҳои судмандро бо кишварҳои хориҷӣ ба роҳ монда, барои дастрасӣ ба ҳалли ин масоил маблағгузоронро ҷалб намоем. Дар мавриди ҳифзи муҳити атроф, бахусус истифодаи оқилонаи об ва сарфакории ин мӯъҷизаи илоҳӣ ташаббусҳои Сарвари давлатамонро ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ менамояд. Чунончӣ, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид пазируфтани се ташаббуси Президенти кишвари мо, яъне эълони Соли байналмилалии оби тоза, тасдиқи даҳсолаи амалиёти «Об - барои ҳаёт» ва Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон гардидани соли 2013 мавқеи аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ эътироф гардидани сарварии Тоҷикистонро дар ин раванд собит сохт ва таҳким бахшид. Ин нукта дар Паём махсус зикр ёфтааст. Ҳоло мутахассисони Муассисаи мо ба Барномаи пилотӣ оиди мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ҷалб гардидаанд. Ин барнома аз моҳи марти соли 2011 инҷониб фаъолият дорад ва марҳилаи аввали он анҷом ёфтааст. Марҳилаи дуюм таҳти унвони «Устувории иқтидори гидроэнергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли ҷорӣ оғоз меёбад. Он аз ҷониби Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд маблағгузорӣ мешавад.

**Қурбоналӣ БӮРИЕВ – директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

Дар Паёми навбатии Президенти мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фарҳанг ҳамчун соҳаи муҳими иҷтимоӣ арзёбӣ гардид ва дар ин робита Сарвари давлат махсус зикр намуд: «Фарҳанг дар ҷомеаи башарӣ яке аз воситаҳои муҳими тарбия ва баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум, бахусус ҷавонон ба ҳисоб рафта, метавонад дар ташаккули арзишҳои ахлоқиву маънавии ҷомеа нақши калидӣ дошта бошад. Бо назардошти ин, Ҳукумати кишвар ба ин соҳаи муҳими иҷтимоӣ низ беш аз пеш таваҷҷуҳ зоҳир менамояд».

Солҳои истиқлолияти кишвар ба рушди фарҳанги миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардид. Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот низ зодаи замони истиқлолият аст. Олимону мутахассисони он ба тадқиқу таҳлил ва омӯзишу баррасии самтҳои гуногуни фарҳанг, аз ҷумла масоили таърихию назариявии фарҳанг, вазъу ҳолати имрӯзаю дурнамои он, тарҳрезии барномаю нақшаҳо бахшида ба эҳёи анъанаҳои фарҳангу тамаддуни миллӣ, тарғибу ташвиқи комёбиву муваффақиятҳои фарҳангӣ, таҳия ва нашри дастурҳои илмию методӣ барои ташкилоту муассисаҳои фарҳанг машғуланд. Дар ин ҷода, таи солҳои истиқлолият бо саъю кӯшиши кормандони илмии пажӯҳишгоҳ як силсила барномаҳо, консепсияву стандартҳо, лоиҳаву низомномаҳо таҳия шуда, амалӣ гардиданд. «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва тибқи талаботи он тарҳрезии барномаҳои гуногун, амсоли «Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» ва яке аз аввалин барномаҳо - «Барномаи тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашр дар солҳои 2007-2010» аз ҷумлаи муҳимтарин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа ба шумор мераванд, ки дар таҳияи он ходимони пажӯҳишгоҳ саҳм гузоштанд. Дастурҳои созандаи Президент моро вазифадор месозад, ки баҳри рушди соҳаи фарҳанг саъю талоши бештар намоем.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

# Озмунҳо ҷамъбаст ва беҳтаринҳо қадрдонӣ гардиданд

**21 апрели соли 2012 Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев дар фазои идона, дар хиёбони Ҳофизи Шерозӣ варзишгарон-иштирокчиёни сеюмин Ниммарафони байналмилалии Душанбе, кулли меҳмонону иштирокдоронро самимона шодбош намуда, ба сабқати варзишгарон ифтитоҳ бахшид.**

Дар мусобиқоти мазкур дар маҷмӯъ аз 13 мамолики ҷаҳон, аз ҷумла Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Белорусия, Қазоқистону Қирғизистон, Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Халкии Хитой, корпусҳои дипломатӣ - муаррификунандаи кишварҳои ИМА, Фаронса, Англия, Олмон 32 нафар марафончиёни хориҷӣ ва беш аз 300 нафар марафончиёни ватанӣ ширкат варзиданд.

Баъди мусобиқа, тибқи нақша, дар толори мӯҳташами КВД «Маркази равобити пойтахт» бо иштироки Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев расми ҷамъбасти тамоми озмунҳои касбии шаҳр баргузор гардид.

Сипас, дар ҳузури фаъолони пойтахт ба таври тантанавӣ Раиси шаҳр ба ғолибони сеюмин Ниммарафони байналмилалии Душанбе мукофотҳои пулии таъсисдодаро тақдим намуд. Ҳамин тариқа, ба Петров Андрей - варзишгар аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон (1 соату 4 дақиқаву 27 сония) ва Ханипова Камила -варзишгар аз Федератсияи Россия (1 соату 17 дақиқаву 15 сония) барои ду ҷойи аввал 3500 долларӣ, Артём Екимов - варзишгар аз Федератсияи Россия (1 соату 5 дақиқаву 33 сония) ва Ҳамидова Ситора - варзишгар аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон (1 соату 17 дақиқаву 49 сония) барои ҷойҳои дуюм 3000 долларӣ, Соколов Алексей -варзишгар аз Федератсияи Россия (1 соату 6 дақиқаву 42 сония) ва Данилова Евгения - варзишгар аз Федератсияи Россия (1 соату 18 дақиқаву 14 сония) барои ҷойҳои сеюм 2500 долларӣ, Мамашаев Тахир - варзишгар аз Ҷумҳурии Қазоқистон (1 соату 7 дақиқаву 23 сония) ва Козубовская Ирина - варзишгар аз Федератсияи Россия (1 соату 18 дақиқаву 18 сония) барои ҷойҳои чорум 2000 долларӣ, Шабунин Вячеслав - варзишгар аз Федератсияи Россия (1 соату 8 дақиқаву 48 сония) ва Коробицкая Марина - варзишгар аз Ҷумҳурии Қирғизистон (1 соату 18 дақиқаву 54 сония) барои ҷойҳои панҷум 1800 долларӣ, Багрев Денис - варзишгар аз Федератсияи Россия (1 соату 8 дақиқаву 50 сония) ва Тунгускова Екатерина - варзишгар аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон (1 соату 19 дақиқаву 53 сония) барои ҷойҳои шашум 1500 долларӣ супурда шуд.

Ҳамчунин барои саҳми назаррас гузоштан дар таблиғи варзиш ва иштироки фаъоли ҳамасола дар Ниммарафони байналмилалӣ ба сокини 81-солаи шаҳри Душанбе Мирзоев Зайдулло, ки масофаи 21.97.5 км-ро тай намуд, ҳамчун беҳтарин варзишгари сол як квартираи якҳуҷрагӣ тӯҳфа карда шуд.

Ҳамзамон зимни ҷамъбасти озмунҳои касбӣ дар шаҳри Душанбе дар асоси хулосаи ҳайати ҳакамон ва қарорҳои дар ин зимн қабулнамудаи Раиси шаҳри Душанбе инҳо қадргардонӣ гардиданд:

ғолиби озмуни «Мактаби сол -2011» - коллективи меҳнатии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 13-и ноҳияи И.Сомонӣ. Мукофот: хонаи сеҳуҷрагии №50, воқеъ дар кӯчаи Федина, №11/10;

- «Директори сол -2011»- директори гимназияи №9-и ноҳияи И.Сомонӣ Гулрӯ Сатторова. Мукофот: 3000 сомонӣ;

- «Муаллими сол -2011»- муаллими фанни забони русии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 78-и ноҳияи Фирдавсӣ Рябсев Василий. Мукофот: 2000 сомонӣ;

- «Кӯдакистони сол -2011»- кӯдакистони № 157-и ноҳияи Сино. Мукофот: 3000 сомонӣ;

- «Мудири кӯдакистони сол -2011»- мудири кӯдакистони № 44-и ноҳияи Шоҳмансур Зебо Усмонова. Мукофот: 2000 сомонӣ;

- «Мураббии сол -2011»- мураббияи кӯдакистони № 117-и ноҳияи Фирдавсӣ Омахон Аъзамова. Мукофот: 1500 сомонӣ;

- «Синфи беҳтарини сол-2011»- коллективи синфи 10-«Ғ»-и литсейи №55, ноҳияи Шоҳмансур. Мукофот: Парчами сайёри Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, ба роҳбари синф- Нигина Ҳафизова идрорпулии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар ҳаҷми 200 сомонӣ барои 10 моҳ, ба сардори синф - Каримова Шаҳноза 60 сомонӣ ва хонандагони синф ба ҳар кадоме 50 сомонигӣ барои 9 моҳ;

- «Маҳаллаи беҳтарини пойтахт»- маҳаллаи «Зебуниссо»-и ноҳияи Шоҳмансур. Мукофот: диплом, ҷоизаи рамзӣ ва сохтмони «Маркази ҷамъиятӣ» барои 150 ҷойи нишаст аз ҳисоби маблағҳои буҷети шаҳр;

- «Беҳтарин кооперативи соҳибмулкони манзил» - «Кооперативи соҳибмулкони манзили ба номи Зоҳир Аҳрорӣ»-и ноҳияи Шоҳмансур. Мукофот: диплом ва тибқи нақшаи муфассали тарҳрезии маҳал насб намудани конструксияи замонавӣ барои бозиву истироҳати кӯдакон;

- «Беҳтарин манзили пойтахт»- бинои истиқоматӣ воқеъ дар кӯчаи Хатлон, хонаи 44, ноҳияи Фирдавсӣ. Мукофот: диплом ва як маҷмӯъ компютер бо мизу курсӣ;

- «Ҳавлирӯби беҳтарини пойтахт» - шаҳрванд Одинаева Салима-корманди Муассисаи давлатии Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ. Мукофот: диплом, як адад телевизор ва роҳхат ба осоишгоҳи «Хоҷа оби гарм»;

- «Беҳтарин муассисаи фарҳангии пойтахт»- Мактаби бачагонаи санъати ба номи Муҳиддин Аминзодаи шӯъбаи фарҳанги Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе. Мукофот: диплом ва як маҷмӯъ компютер бо мизу курсӣ;

- «Беҳтарин муассисаи тандурустии пойтахт»- Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятӣ. Мукофот: диплом ва як маҷмӯъ компютер бо мизу курсӣ;

- «Муассисаи мусофиркашонии беҳтарини сол -2011» - Корхонаи коммуналии воҳиди давлатии «Автобус-2». Мукофот: Ифтихорномаи Раиси шаҳри Душанбе, Ҷоми фахрӣ ва 3000 сомонӣ;

- «Ронандаи беҳтарини сол -2011» - ронандаи Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Аква транс» Маҳмадов Ҷумахон. Мукофот: Ифтихорномаи Раиси шаҳри Душанбе,Ҷоми фахрӣ ва 1500 сомонӣ.

Ҳамзамон коллективи меҳнатии кӯдакистони № 53-и ноҳияи Фирдавсӣ барои ишғоли ҷойи дуюм дар озмуни «Кӯдакистони сол-2011» ба маблағи 1500 сомонӣ, коллективи меҳнатии кӯдакистони №36-и ноҳияи Шоҳмансур барои ишғоли ҷойи сеюм дар озмуни «Кӯдакистони сол-2011» ба маблағи 1000 сомонӣ қадр карда шуданд.

Барои фаъолияти пурмаҳсул дар таълиму тарбияи насли наврас, саҳми арзанда дар пешравии соҳаи маорифи пойтахт иштирокчиёни озмунҳои «Мактаби сол-2011», «Кӯдакистони сол-2011» «Директори сол-2011», «Муаллими сол-2011», «Мудири кӯдакистони сол-2011» ва «Мураббии сол-2011» -Исрофилов Анвар - директори мактаби №77-и ноҳияи Фирдавсӣ, Сафаров Қарчибек -директори мактаби № 65-и ноҳияи Шоҳмансур, Саидова Гулсара-мудири кӯдакистони №136-и ноҳияи Сино, Сайвалиева Ҳабиба-мудири кӯдакистони №52-и ноҳияи Фирдавсӣ, Коробкина Вероника - муаллимаи забони англисии мактаби №1-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ, Асоева Сурайё - муаллимаи синфҳои ибтидоии мактаби №90 –и ноҳияи Сино, Ҳакимова Ҷамила -муаллимаи забони давлатии мактаби №20-и ноҳияи Шоҳмансур, Ҷӯраева Мавҷуда -мураббияи кӯдакистони №67-и ноҳияи Шоҳмансур ва Зиётова Моҳтовбӣ- мураббияи кӯдакистони №96-и ноҳияи Сино ба маблағи 500 сомонӣ (ҳар кадом) мукофотонида шуданд.

23 нафар хатмкунандагон-барандагони медалҳои тилло ва нуқра мутаносибан ба маблағи 300 ва 200 сомонӣ (ҳар кадом) қадргардонӣ гаштанд.

Ҳамзамон ба 21 нафар донишҷӯёни аълохони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ва ба 107 нафар омӯзгорони мактабҳои шаҳр давоми даҳ моҳ 120 сомонигӣ ва ба 109 нафар хонандагони мактабҳои пойтахт 50 сомонигӣ идрорпулии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе муқаррар карда шуд.

Инчунин ғолибони озмуни «Соҳибкори беҳтарини шаҳри Душанбе дар соли 2011» аз рӯйи 17 номинатсия бо дипломҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва тӯҳфаҳои хотиравӣ - нишони фахрии озмун қадр карда шуданд:

-аз рӯйи номинатсияи «Истеҳсоли молҳои истеъмолии халқ» -директори Ҷамъияти саҳомии «Комбинати шири Душанбе» Комилов Наврӯз;

-аз рӯйи номинатсияи «Меъморӣ ва дизайн» - директори Корхонаи дорои масъулияташ маҳдуди «Сохтмонсармоя - 2000» Холиқова Тамара;

-аз рӯйи номинатсияи «Савдо» - директори Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Газпромнефт Тоҷикистон» Мирзоев Фарҳод;

-аз рӯйи номинатсияи «Хизматрасонӣ дар соҳаи фарҳанг, варзиш ва туризм» -директори ҶДММ «Тоҷикинтурсервис» Қобилов Зафар;

-аз рӯйи номинатсияи «Хизматрасонии тиббӣ» -директори Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Фарма» Ҳоҷиев Абдушафеъ;

-аз рӯйи номинатсияи «Истеҳсоли маҳсулоти истифодаи саноат»- директори Ҷамъияти саҳомии «Тоҷиксемент» Зувайдов Маҳмадсаид;

-аз рӯйи номинатсияи «Истеҳсоли доруворӣ, маҳсулот ва таҷҳизоти тиббӣ» -директори Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Тиб барои шумо» Ҷабборов Фаридун;

-аз рӯйи номинатсияи «Хоҷагидории шаҳрӣ, хизматрасонии манзилию коммуналӣ ва экология» - директори Ҷамъияти дорои масъулиятиаш маҳдуди «Фавз» Ҷобиров Абдулазиз;

-аз рӯйи номинатсияи «Сохтмон, тармим ва таъмир» - директори Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Сомон таъминот» Хидиров Саидраҳмон;

-аз рӯйи номинатсияи «Косибӣ ва ҳунарҳои халқӣ» -директори Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Рухом» Муҳаббатов Муфарраҳ;

-аз рӯйи номинатсияи «Истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук ва хӯрокворӣ» - директори Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Ёқут - 2000» Қодиров Абдуҳалим;

-аз рӯйи номинатсияи «Хӯроки умумӣ»- директори Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Идораи корхонаҷоти «Ғизо Ф1 ФУД» Шамсиев Парвиз;

-аз рӯйи номинатсияи «Технологияҳои телекоммуникатсионӣ»-директори Ҷамъияти саҳомии шакли пӯшидаи «Индиго Тоҷикистон» Ҳомидов Мансур;

-аз рӯйи номинатсияи «Хизмати маишӣ» -директори Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи «Меҳмонхонаи Тоҷикистон» Раҳимов Муҳаббат;

-аз рӯйи номинатсияи «Фаъолияти нашриётӣ, хизматрасонии полиграфӣ, дизайн ва реклама» -директори Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Форекс» Зикиряев Азамат;

-аз рӯйи номинатсияи «Истеҳсоли масолеҳи сохтмон ва конструксияҳо» - Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Алкон – Душанбе» Саидов Саидюсуф;

-аз рӯйи номинатсияи «Технологияҳои ахборотӣ» - директори Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Ориён-медиа» Ҷониев Рустам.

«Пешсафи соҳибкорони беҳтарини шаҳри Душанбе дар соли 2011» - директори Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Газпромнефт Тоҷикистон» Мирзоев Фарҳод пазируфта шуда, бо Ифтихорномаи Раиси шаҳри Душанбе ва Ҷоми фахрии ғолиб сарфароз гардид.

Зимнан, «Беҳтарин меҳмонхонаи пойтахт дар соли 2011» - меҳмонхонаи «Хаят реҷенсӣ», «Беҳтарин тарабхонаи пойтахт дар соли 2011»- тарабхонаи «Канд» ва «Беҳтарин ошхонаи пойтахт дар соли 2011» -ошхонаи «Тайга» муаррифӣ шуда, роҳбарони онҳо бо «Ифтихорномаи Раиси шаҳри Душанбе» ва ҷоизаи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе мукофотонида шуданд.

Барои ишғоли ҷойи дуюм дар озмуни «Беҳтарин меҳмонхонаи пойтахт дар соли 2011» - меҳмонхонаи «Тоҷикистон», «Беҳтарин тарабхонаи пойтахт дар соли 2011» - тарабхонаи «Ал-Шамъ» ва «Беҳтарин ошхонаи пойтахт дар соли 2011» - ошхонаи «Озода» бо дипломи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе қадр гардиданд.

Ғолиби озмунҳои «Беҳтарин мактаби варзишии шаҳри Душанбе» - мактаби варзишии махсуси кӯдакону наврасони захираҳои олимпии №2 оид ба тэквондо дар ҳаҷми 3500 сомонӣ, «Беҳтарин мураббии варзиши сол дар шаҳри Душанбе» - мураббии мактаби махсуси кӯдакону наврасони захираҳои олимпии № 9 оид ба бокс Шамсиев Мирзо дар ҳаҷми 3000 сомонӣ, «Беҳтарин толори варзишии сол дар шаҳри Душанбе» -толори варзишии Муассисаи давлатии «Литсейи №1» барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе дар ҳаҷми 2500 сомонӣ ва «Беҳтарин соҳибкори ҳаводори варзиши сол дар шаҳри Душанбе» Усмонов Наврӯз -роҳбари клуби «Шоҳона» дар ҳаҷми 2000 сомонӣ мукофотонида шуданд.

Инчунин Рӯзиева Хосият - раиси маҳаллаи «Саноат», Авазов Сафар - раиси маҳаллаи «Мирзобек», Бобоназарова Сайрамо - раиси маҳаллаи «Гастелло»- и ноҳияи Шоҳмансур, Табарова Мавҷуда- раиси маҳаллаи «Телман», Сироҷова Манзура- раиси маҳаллаи «Кӯҳдоман», Каримова Амина- раиси маҳаллаи «Маҳмадулло Холов»-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ, Аслонов Ҳалимхон – раиси маҳаллаи «Равшангарон», Асоева Зебо – раиси маҳаллаи «Маърифат», Раҳматуллоев Шералӣ – раиси маҳаллаи «Алачабофон»-и ноҳияи Фирдавсӣ, Саидов Искандар - раиси маҳаллаи «Роҳи нав», Шаймуродова Заррина - раиси маҳаллаи «Яккачинор», Илвонова Қурбонгул - раиси маҳаллаи «Ҳаёти нав», Ваҳобова Зайнура - раиси маҳаллаи «53» ва Қосимова Мавҷуда- раиси маҳаллаи «Испечак-2»-и ноҳияи Сино барои саҳми арзандаашон дар ҳаёти маҳалладорӣ ҳар кадоме дар ҳаҷми 500 сомонигӣ қадрдонӣ шуданд.

***Ш.САИДОВ, котиби матбуотии Раиси шаҳри Душанбе***

●Мушкилоти рӯз

# Дарёҳо маҷрои нав меҷӯянд

***Зимистони имсола хеле сарду тӯлонӣ ва сербарфу борон омад. Табиист, ки ин ҳолат дар баҳорон ва ибтидои тобистон сабаби аз меъёри муқаррарӣ боло рафтани сатҳи дарёҳо гашта, онҳо тағйири маҷро мекунанд ва соҳилҳои худро шуста ба хоҷагии халқ зарари моливу ҷонӣ меоранд. Мухбирамон бо сардори Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон полковник Рамазон Неъматов оид ба ин мушкилоти мавсимӣ сӯҳбат доир намуд.***

**- Дар фасли баҳор дарёҳои минтақа сероб гардида, ба зиндагии сокинони соҳилнишинаш ҳамасола мушкилот меоранд. Селҳо соҳилҳоро шуста, ҳисороти зиёде ворид менамоянд. Айни замон вазъи дарёҳо ва бахусус соҳилҳои онҳо чӣ гуна аст?**

- Тавре аз ахбори шабакаҳои телевизионӣ огаҳӣ дорем, имрӯзҳо дар аксар мамолики дунё, ба вижа Федератсияи Россия, обхезиҳои шадид рух дода истодаанду сокинонашон аз ин офати табиӣ сахт ранҷ мекашанд. Бамаврид аст зикр намоям, ки хусусияти дарёҳои кӯҳӣ, аз дарёҳои водиҳо батамом фарқ доранд. Тавре медонем, ин тафовут дар тезҷараёнии дарёҳои мо мушоҳида мешавад. Ин хусусияти дарёҳои минтақа аз ҳайати шахсии ситоди мазкур тақозо мекунад, ки ба ин мавсим ҳамаҷониба омода бошем, то мардуми дар соҳилҳо маскун камтар ранҷу осеб бинанд.

Дар минтақаи мо ду дарё- Сурхоб ва Яхсу баҳорон ва ибтидои тобистон сероб мешаванд ва аз боиси тезҳаракатии худ соҳилҳоро шуста, иншооти селнигоҳдориро хароб мекунанд ва ба хоҷагии халқ зарари калони молию ҷонӣ ба бор меоранд. Тавре ҳама иттилоъ доранд, мавсими ҷорӣ дарёи Сурхоб соҳилҳои қисмати чапи худро дар мавзеи Қиблаии ноҳияи Темурмалик шуста, 8 хонаи деҳаи мазкурро пурра нобуд кард.

**- Оид ба ин ҳодиса андак муфассалтар сухан гӯед…**

- Деҳаи Қиблаӣ дар қисмати ҷанубии маркази ноҳия қарор дорад. Он хонаҳое, ки рӯзҳои 5-ум ва 6-уми апрел дар натиҷаи шустани соҳил пурра ба нестӣ расиданд, аз ҷумлаи мавзеъҳои хатарнок маҳсуб ёфта, 13 манзили дар ин қитъаи хатарнок қарордошта мансуб ба гурӯҳи муҳоҷирони экологӣ буданд. Аз ин шумора 7 хоҷагӣ маблағҳои ба ин шакли муҳоҷират тааллуқдоштаро, ки 3 ҳазор сомониро ташкил менамояд, пурра гирифтаанд. Дар баробари маблағ ҳамаи онҳо дар як қисмати бехатари деҳа бо қитъаҳои наздиҳавлигӣ таъмин гашта буданд. Мутаассифона, ин гурӯҳ кӯчиданро то лаҳзаҳои наздик расидани ҳодиса, бо сабабҳои ба мо номаълум, ба таъхир гузоштанд. Ниҳоят, бо кӯмаку дастгирӣ ва маслиҳати саривақтии роҳбарони ноҳия пеш аз хуруҷи дарё ҳамаи дару тиреза ва болопӯши хонаҳо канда гирифта шуда, бо амволу соҳибонашон ба қисмати бехавф интиқол дода шуд. Хушбахтона, ин тадбир сабаби пешгирии талафоти ҷонию молӣ гардид.

Дар рӯзи ҳодиса мо ба зарардидагони офат ҳамаҷониба кӯмак намудем. Аз тарафи ситоди мазкур ба осебдидагон 30 дона хайма ва аз ҷониби ташкилоти минтақавии дар шаҳри Кӯлоббудаи «Ҳилоли Аҳмар» 10 хайма кӯмак расонида шуд. Аз ҳамон рӯз инҷониб ситоди ноҳиявӣ фаъолият мекунад ва мардуми хайрхоҳи деҳаҳои гирду атроф ба зарардидагон ҳар гуна кӯмаки молӣ мерасонанд.

**- Дарёҳои сероб боз дар кадом мавзеъҳо тағйири маҷро мекунанд?**

- Айни ҳол дарёи Сурхоб қисмати рости худро дар мавзеи Заркамари деҳоти Миралӣ Маҳмадалиеви ноҳияи Восеъ шуста, дар ҳоли ба деҳа наздик шудан аст. Дар ин мавзеъ коргарони Муассисаи зудамали Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҷумҳурӣ машғули мустаҳкам намудани соҳилҳои харобгашта мебошанд. Айнан ҳамин ҳолат дар мавзеи Анористони деҳоти Рӯдакии ноҳияи мазкур, ки дарёи Яхсу соҳилҳои рости худро дар ҳаҷми беш аз як километр пурра хароб кардааст, ҳукмфармост. Агар мушаххастар гӯем, то имрӯз ин ду дарё дар муқоиса ба солҳои қаблӣ чандон зарари калонҳаҷм нарасонидаанд. Мутаассифона, об дар бисёр мавзеъҳо соҳилҳо ва иншооти селпасткунандаро харобу валангор кардааст, ки дар сурати обхезии такрорӣ зарари ҷиддиро интизор шудан мумкин аст.

**-Вазъи соҳилмустаҳкамкунӣ чӣ гуна аст?**

-Қабл аз оғози мавсими обхезиҳо ба қадри ҳол дар соҳили рости дарёи Сурхоб, яъне дар мавзеи Чорбоғи деҳоти Мирзоалӣ Вайсов ва дар соҳили рости дарёи Яхсу, дар қитъаи Анористони деҳоти Рӯдакии ноҳияи Восеъ, аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ, соҳилмустаҳкамкунӣ ба роҳ монда шуда, ин тадбирҳо ҳоло низ идома дорад. Дар баробари ин, бо усули ҳашар дар мавзеи деҳоти Даҳана, дар деҳаҳои Хоҷа Исҳоқ, Офтобликҳои деҳоти Зиракии ноҳияи Кӯлоб, дар қитъаҳои Лангар, Чашмаи Ҷӯшони деҳоти Боғгаӣ ва деҳоти Тутуи ноҳияи Мӯъминобод ва мавзеи Заркамари деҳоти Миралӣ Маҳмадалиев, қитъаи хоҷагии ниҳолпарварии деҳоти Худоёр Раҷабови ноҳияи Восеъ, яъне, дар маҷмӯъ дар ҳаҷми 14830 метри мураббаъ кори симтӯрхобонӣ ба анҷом расонида шудааст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки пеш аз оғози мавсими обхезиҳо гурӯҳи кории Ҳукумат бо роҳбарии Сарвазири кишвар Оқил Оқилов ва раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Авзалов ба вазъи аксари дарёҳои минтақа ва соҳилмустаҳкамкунӣ аз наздик ошно шуданд.Баъди ташрифи онҳо соҳилмустаҳкамкунӣ то андозае суръат гирифт.

**- Аслан обхезиҳои шадид, ки ҳамеша дар пайи худ ҳодисаҳои нохушро боқӣ мегузоранд, ба ибтидо ва миёнаҳои моҳи май рост меоянд. Равшантар карда гӯем, ҳоло он ҳама хавфу хатари ҷиддии азалӣ дар пеш аст. Чӣ бояд кард, то ин ҳама хавфу хатари ҳамасоларо аз худ дур намоем?**

- Барои ҳамешагӣ аз ин хавфу хатар халос ёфтан ду роҳи асосӣ мавҷуд аст. Дар навбати аввал вобаста ба лоиҳаҳои ҳамаҷониба тарҳрезишуда соҳилбандӣ намудани қитъаҳои хатарзо ва дигар бунёди обанборҳо дар саргаҳ ва ё дигар қисмати дарёҳоямон ба мақсад мувофиқ мебошад. Барои анҷоми ин кор дар навбати аввал маблағи зарурӣ лозим аст. Солҳои 60 ва 70-уми асри гузашта бо ин усул бунёди обанборҳо шурӯъ гашта буд. Обанбори Селбури ноҳияи Восеъ ва Мӯъминобод маҳсули ташаббускориҳои ҳамон замонанд. Агар ёд дошта бошед, ҳатто дар ҳамин даромадгоҳи шаҳри Кӯлоб низ обанборе вуҷуд дошт, ки сабзавоткорони собиқ совхози ба номи Назаров дар моҳҳои камобӣ аз он кофӣ истифода мекарданд.

Ниҳоят, баъди ҳамон офати ба сари сокинони маҳаллаи Чармгарони шаҳри Кӯлобомада, дар андешаи мутахассисону масъулон бунёди обанбори Тебалай афтод, ки ин як роҳи дурусти дар оянда аз хавфу хатари дарёчаи тезҷараёни Тебалай эмин мондани сокинони шаҳри Кӯлоб мебошад. Бунёди обанбори мазкур, ки лоиҳааш аллакай омода гаштааст, на ин ки хавфу хатари обхезиро аз байн мебарад, балки мушкилоти танқисии оби нӯшокии сокинони шаҳри Кӯлобро низ батамом ҳал карда метавонад. Дар замони Шӯравӣ барои ноҳияҳои пахтакори водӣ, ки ҳангоми ҷӯшу хурӯши кори саҳро аз нарасидани оби полезӣ сахт танқисӣ мекашиданд, лоиҳаи бунёди обанбор дар мавзеи Балҷувон вуҷуд дошта буд, вале бо сабабҳои ба мо номаълум бунёди он ба таъхир мондааст.

**- Сабабҳо маълуманд, ҳамон роҳбарони ҷумҳуриҳои бародари поёнобӣ собиқ сарварони ҷумҳурии моро дар ҳоли ғафлату бехабарӣ ёфта, мисли ҳозира тавассути созиш бо марказ, монеаҳои сунъӣ эҷод намуданд ва барои худ бемалол силсилаи обанборҳо сохтанд. Акнун аҷобат дар он аст, ки «шаҳди» ҳама он хавфу хатар, оқибатҳои нохушу даҳшатбор ва зарарҳои молию ҷонии беҳисоби ин дарёҳоро то ба имрӯз танҳо мо мечашем, аммо манфиатҳои бепоёни онҳоро тавассути ана ҳамон обанборҳои сохта, ки ба қавле беш аз 50 ададро ташкил мекунанд, танҳо ҷумҳуриҳои ҳамсояи поёноб мебинанд.Оё ин ноадолатӣ нест? Ҳар гоҳ мо сари ин мавзӯъ маводе омода мекунем, албатта, аз боби бунёди ҳамин обанборҳо ишора кардаем. Сахт таассуфангез аст, ки мо ана ҳамин оби дари хонаамонро, ки шорида ба поён меравад, ҳунари истифода бурдан надорем. Воқеан ҳам ин ҳол ба он шабоҳат дорад, ки қадри оби дари хонаи моро танҳо дигарон хуб медонистаанду медонанд.**

- Кам кардани хавфу хатари обхезӣ, беҳ шудани муҳити зист, рушди соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар маҳз ба бунёди обанборҳо сахт вобастагӣ дорад. Акнун замоне фаро расидааст, ки мо низ мисли ҳамин дарёҳоямон маҷрои фаъолияти хешро дигар намуда, созандагию бунёдкориро равнақ бахшем. Бо талошу дарёфти андаке маблағ имкони бунёди обанборҳо пайдо мешавад.

**- Ин беҳавсалагиҳои мо ҳамон мақоли машҳури мардумии «Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем»-ро ба хотир меорад. Сокинони поёноб дар ҳамвориҳои мушкилбунёд кайҳо чунин иншооти ба хоҷагии халқ заруру манфиатоварро сохтаанду мо то ҳол бечоранолӣ карда, аз ӯҳдаи бастани 15 метр паҳнои як дарёчаи кӯҳӣ баромада наметавонем, то ин ки дар давраи хушк шудани он ақаллан мушкили зироаткоронро андаке ҳам бошад, осон намоем...**

- Ман ин андешаҳои шуморо ҷонибдорӣ мекунам ва ба такрор гуфтанӣ ҳастам, ки сарфи назар аз мушкилоти пулӣ ягона роҳи мувофиқи аз тарсу ваҳми селзаниҳои ҳамасола халос хӯрданамон, ин маҳз рӯй овардан ба ҳамин усули кор ҳаст. Мо бо ин усул метавонем аз захираҳои обиамон дар ҳама самтҳои хоҷагии халқ васеъ истифода намоем.

Вобаста ба мавзӯи сӯҳбат ин ҷо андешаи дигаре ба хотирам мерасад, ки ибрози онро бамаврид мешуморам. Ҳамчун масъули соҳаи амни мардум аз ҳама гуна офатҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳо бисёр мушоҳида кардаам, ки дар аксар маврид онҳое аз офатҳои табиӣ бештар осеб мебинанд, ки дар рух додани онҳо худ сабаб гаштаанд. Масалан, дар ду даҳсолаи охир дарёҳо соҳили он мавзеъҳоеро ба осонӣ рахна карда, ҳисорот ворид намудаанд, ки сокинони соҳилнишин ва ё мардуми атрофи он иншооти селнигоҳдориро бо дасти худ вайрон карда, симтӯр ва сангҳои онро барои сохтмони манзилҳои навашон истифода кардаанд. Ё ин ки дидаю дониста, бе тавсияву иҷозати ташкилоту шахсони масъул дар он қитъаҳое манзил бунёд кардаанд, ки мансуб ба мавзеъҳои хатарнок мебошанд. Боз ба болои ин, хонаву амвол ва худу аҳли байташонро ҳатто барои рӯзи мабодо суғурта намекунанд.Аслан аз нигоҳи қонуну давлатдории муосир ё агар равшантар карда гӯем, кӯмак ва пардохти ҷуброни зарар ба он осебдидагоне расонида мешавад, ки худ ва амволашон қабл аз вуқӯи офат суғурта шудаанд.

**- Мебинем, ки имрӯз ё фардо хонаву амволи баъзеҳо ҳатман ба коми дарё меравад, вале барои ҷуброни зарар суғурта кардан ба хотирашон нарасидааст. Гумон мекунам, акнун суғуртачиёни моро зарур аст баҳри бештар рушд ёфтани соҳаи хеш аз ширкатҳои мобилӣ фарҳанги таблиғ ва усули хизматрасониро омӯзанд. Дигар ин ки ҳамин дилбастагии зиёд ва одат кардан ба кӯмакҳои хайрхоҳона ва ё ба умеде дар як ҷо ором нишастан яқин чандон натиҷаву оқибати хуб надорад. Ин ҷо барои мисол ҳамон пули мошингузари дарёи Мазори ноҳияи Балҷувонро пеши назар меорам, ки ҳар ду қисмати онро кайҳо дарё шуста, рафтуои сокинони як қисм деҳоти ноҳияро дар самти Ховалингу Кӯлоб ғайриимкон намудааст...**

- Дуруст зикр кардед. Мо бояд дар мустаҳкам намудани соҳилҳо ҳама масъул бошем. Боре мушоҳида намудам, ки сокинони соҳили чапи дарёи Панҷ, яъне афғонҳои ҳамсоя, дар муқобили ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соҳилҳои дарёи мазкурро, ки заминҳои кишоварзиашон дар он мавзеъ қарор дорад, бо имкону қувваи хеш мустаҳкам мекунанд. Мутаассифона, мо ҳатто ҳамон усули хуби дастаҷамъонаи кореро, ки аз гузаштагонамон бо номи ҳашар ба мерос гирифта будем, ба гӯшаи фаромӯшӣ бурдаем. Дар аксари он мавзеъҳои хатарнок, ки алҳол аз як қисмати онҳо болотар ишора намудем, гурӯҳи ашхосе кору зиндагӣ мекунанд, ки соҳиби ҳама гуна техникаи пуриқтидори муосир ҳастанд, аммо дарё соҳилу саддҳои селнигаҳдориро пеши назарашон харобу вайрон мекунаду ба гуфти шумо, бо ким -кадом умеде ором нишаста, аз оқибатҳои нохуши он парвое намекунанд.

Хушбахтона, на дар ҳама ҷо чунин вазъият аст. Масалан, дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамон пули мошингузари миёни ду соҳили дарёчаи Сиёҳоб муаллақмондаи баъди офати селро мардуми деҳаи Файзобод бо ташаббусу маблағгузории аҳли маҳалла барқарор намуданд. Ё худ ба ҳамин монанд, чор тарафи кӯпруки аз шасти сел харобгаштаи назди мактаби деҳаи Чордараи деҳоти Тугараки ноҳияи Восеъро бо ташаббуси собиқ сарвари он Мадхон Шарифов омӯзгорону хонандагони мактаби мазкур симтӯрхобонӣ кардаанд. Ин танҳо намунаи андаке мебошад, ки шояд пеши назар овардани қисмати ками онҳо дар бедор кардани ҳавсалаи балҷувониҳо кӯмак намояд.

***Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»***

# ТАҚВИМҲОИ МАРДУМӢ

Роҷеъ ба тақвимҳои мардумии халқҳои Осиёи Миёнаву Эрону Афғонистон ҳанӯз маводи ҷамъбасткунандае вуҷуд надорад. Ин халқҳои эронитабор, ки дорои таъриху фарҳанги муштарак мебошанд ва аз лиҳози ҷуғрофӣ ва шароити ҷаввӣ (метеорологӣ) низ ҳамоҳангӣ ва ҳамгунии усулӣ доранд, дар ташаккули солшумории мардумӣ ва тадвини тақвимҳои халқӣ дар сарзамини Эрони бузург саҳми арзанда гузоштаанд ва имрӯз зарур аст, ки он мавриди таҳқиқ ва ҷамъбаст қарор гирад.

Агар аз ҷиҳати таърихӣ ба манбаъҳои пешазисломӣ ба ин масъала муроҷиат кунем, мебинем, ки дар Авесто ишораҳое доир ба масъалаи мавриди баҳс зимни баёни амали қаҳрамонони устуравӣ, ба мисли Ҷамшеду Фаридун, мавҷуданд, вале чун онҳо дар шакли нақлу ривоят ва асотир зоҳир шудаанд, моҳияти тақвимии онҳо коста гардидааст. Ҳол он ки рӯҳи таълимоти ойини зардуштӣ ба ҳаёти соҳилнишинӣ ва умури кишоварзӣ нигаронида шудааст ва тақвими мардумӣ бояд яке аз масъалаҳои умдаи он давру замон ба шумор мерафт.

Дар «Бундаҳиш» ин масъала бештар матраҳ гардида, дар бораи солу моҳҳо ва рӯзҳо вобаста ба баёни ҷараёни офариниш ва таърихи Кайҳонӣ дар таълимоти зардуштия иттилооти кофӣ ва айни ҳол хеле буғранҷ ироа гардидааст. Ҳамчунин дар матнҳои паҳлавӣ низ муҳимтарин ҷашнҳои фаслӣ баён шудаанд, вале роҷеъ ба чигунагии баргузории онҳо камтар таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Дар асрҳои миёна халқҳои эронинажод мадюни Абурайҳони Берунӣ буданд, чун ӯ дар ҳар се асари худ («Осор-ул-боқия», «Ат-тафҳим» ва «Қонуни Масъудӣ») дар бораи солшуморӣ ва тақвимҳои мардумӣ иттилооти муфидеро аз худ мерос гузоштааст, ки дар аксари тадқиқотҳои муосир дар бораи ҷашнҳои наврӯзию меҳргонӣ ва тақвимҳои илмию мардумӣ аз ин осори ӯ фаровон истифода намудаанд.

Дар қатори чунин асарҳои Берунӣ «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ, «Аҷоиб-ул-махлуқот»-и Қазвинӣ, «Нахбат-уд-даҳр»-и Димишқӣ, «Ал-маҳосен ва-л-аҷдод»-и Ҷоҳизро номбар кардан мумкин аст. Дар осори таърихиву ҷуғрофии таълифшуда дар асрҳои миёна низ баъзе маълумотҳо роҷеъ ба тақвимҳои маҳаллӣ ва ҷашнҳои фаслӣ вобаста ба баёни ҳаводиси таърихӣ ва ҷуғрофӣ ироа гардидаанд, ҳатто муаллифони онҳо дар бораи баъзе ҷашнҳои суннатӣ ва фаслӣ, маросими баргузории онҳо иттилооти ҷолибе дар ихтиёри хонандагон қарор додаанд.

Манбаи дигари арзишманде, ки дар таърихи адабу фарҳанги мо вуҷуд дорад, шеъру достонҳои ҳамосаӣ ва умуман ашъори шоирони классикии мо мебошад. Дар онҳо на фақат замону чигунагии баргузории ҷашну маросимҳои халқӣ, балки васфи онҳо бо парвози тахаюлоти шоирона, шеъру достон, қасида ва ғазалҳои махсус вобаста ба ин ё он ҷашнҳои фаслӣ, идҳои мардумӣ ва маҳаллӣ суруда шудаанд ва дар аксари маврид худи достонҳои ҳамосаӣ шомили сохтори устураҳои тақвимӣ мебошанд. Дар робита метавон ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ муроҷиат кард, ки дорои миқдори зиёди тавсифи шахсиятҳои асотирии тақвимӣ ва суннатҳои вобаста ба асли пайдоиши ҷашнҳои миллию маҳаллӣ мебошанд. Ашъори Рӯдакию Фаррухӣ, Анварӣ, Манучеҳрию Саъди Салмон дар васфи баҳор, сабзаву гулу себарга, шеърҳои бахшида ба Наврӯзу Меҳргону Сада, шаби Ялдо худ маводи манбаи омӯзиши солшуморӣ, тақвими мардумӣ ва хусусияту хосиятҳои онҳо мебошад, ки ин анъанаро Саъдию Ҳофизу Ҳоқонӣ ва дигарон идома додаанд.

Яке аз манбаъҳои дигаре, ки дар назари аввал ночиз ва дуюмдараҷа ба назар мерасад, вале иттилооти муҳим дар бораи солшуморӣ ва тақвими мардумӣ ба шумор меравад, сафарномаҳо ва ёдномаҳое мебошанд, ки афроди гуногун зимни зиндагию фаъолият дар Эрону Осиёи Миёна, Афғонистон ва дигар ҳавзаҳои маданӣ маросими ҷашнҳоро мушоҳида намуда, дар бораи онҳо ба ин ё он намуд таҳқиқоте анҷом додаанд ва ё мушоҳидаи худро ба чоп расонидаанд. Ин ҳодиса дар Эрон бештар ба назар мерасад, чун омадани хориҷиён ба унвони ашхоси расмии давлатҳои хориҷии Ғарб аз асри Сафавия (асри XVI) шурӯъ шуда буд. Шарден, Таверниер, Омариус, Франклин, Мориер, Полан ва дигарон муҳимтарин намояндагони расмие буданд, ки хотираҳои худро дар бораи ҷашнҳо, баргузорӣ ва хусусиятҳои тақвимии онҳо дастраси хонандагон намудаанд.

Ин ҳодиса дар ҳудуди Осиёи Миёна каме дертар, аз охирҳои асри XVIII шурӯъ шуд. Аз олимони рус В.В.Бартолд роҷеъ ба маданияти ориёӣ дар Осиёи Миёна, очерки таърихӣ дар бораи тоҷикон, таҳқиқи забонҳои суғдию тахорӣ, Е.Э.Бертелс роҷеъ ба омӯзиши Авесто ва ҷашни Сада, М.С.Андреев силсилаи мақолаҳо дар бораи этнографияи халқҳои Осиёи Миёна, пайдоиши оташ ва дигар урфу одатҳои маҳаллии тоҷикон, А.Н.Писарчик оиди мучал ва муқоисаи он бо солшумории кунунӣ, Е.М.Пешерова нисбати ҷашни «Сайри гули лола» дар шаҳри Исфара ва водии Фарғона, Л.Майский дар бораи муҳосиботи вақти корҳои кишоварзӣ таҳқиқотҳои муфид анҷом додаанд. Анна Красноволская боз номи чандин олимону муҳаққиқон, аз ҷумла Н.А.Кисляков, Б.Х.Кармишевро номбар намудааст, ки бевосита ба тадқиқи солшуморӣ ва тақвими мардумӣ, ҷашнҳои маҳалливу мавсимӣ ва вобастагии онҳо ба умури кишоварзӣ машғул шудаанд[1].

Дар Афғонистон роҷеъ ба ин масъала баъзе тадқиқотҳо тавассути олимони хориҷӣ сурат гирифтааст, ки муҳимтарини онҳо китоби доктор Лентс дар бораи дастгоҳҳои гоҳшумории маҳалҳои гуногуни ин сарзамин ва тадқиқоти М.С.Андреев оиди таҳқиқи урфу одат ва ҷашнҳои мавсимии дараи Панҷшер мебошад. Дар радифи ин асарҳо оид ба мавзӯи мавриди баҳс тадқиқотҳои Фурон, Доллот, Дапрӣ ва дигарон низ мавҷуданд, ки бештар хусусияти умумӣ доранд. Бо таваҷҷуҳ ба ҷаҳонишавии иди Наврӯз дар радифи дигар масъалаҳои ҷашнҳои солона, бояд пайдоишу ташаккули тақвимҳои мардумӣ низ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гиранд, зеро хеле аз мақолаю таҳқиқотҳое, ки ба муносибати ҷашни Наврӯз чоп мешаванд, бештар хусусияти тарғиботию ташвиқотӣ, пеш аз ҳама, хусусияти конюнктурӣ доранд.

Аз ин нуқтаи назар, солшуморӣ ва тақвимҳои мардумӣ, ки имрӯз ба таври мувозӣ бо солшуморӣ ва тақвими илмӣ амал мекунанд, таърих ва собиқаи қадима доранд. Ин тақвиму солшумориҳо дар натиҷаи мушоҳидаю таҷрибаи чандинасраи деҳқонону кишоварзон дар мавзеъҳои гуногун бар мабнои тасаввуроти асотирию ойинӣ ва вобаста ба шароити таърихӣ, табиию ҷуғрофӣ, такрори ҳодисаҳои ҷаввӣ (метеорологӣ) ва ғайра арзи вуҷуд намудаанд. Дар ин бора мо метавонем ба ду тақвими мардумӣ, ки бевосита дар рӯзгори гузашта ва муосири мардуми сарзамини мо роиҷанд, ишора намоем, ки яке аз онҳо тақвим ё худ, беҳтар аст бигӯем, тақсими фаслҳои сол аз рӯйи пайкари инсон ва узвҳои бадани ӯ ва дигаре ҳисоби мардумии сол барои муайян намудани синну соли одамон, ки дар байни мардум ба унвони «мучал» ё худ «мӯлҷар» маъруфу машҳуранд.

Тақвиме, ки тақсими фаслҳои сол дар он аз рӯйи андому узвҳои инсон сурат мегирад, хеле ҷолиб дар байни тоҷикон ва дигар намояндагони халқу миллатҳои гуногуни Осиёи Миёна интишор ёфтааст. Ҳангоме ки мо дар бораи «чиллаи зимистон», «чиллаи тобистон» сухан меронем, мардум ба зудӣ мефаҳманд, ки мурод аз ин ҳарфҳо чист, вале асли баромади ин масъаларо шояд танҳо баъзе муҳаққиқон ва афроде, ки бо масоили тақвими мардумӣ машғуланд, дарк карда тавонанд.

Агар ба таърихи омӯзиши ин масъала назар афканем, мо аз ин тақсими сол ба фаслҳо, ки аз замонҳои қадим дар байни мардуми мо роиҷ будааст, аз таҳқиқу баррасии муҳаққиқони рус А.А.Бобринский[2] ва Л.Майский[3] метавонем баъзе маълумотҳоро касб кунем, зеро аввалӣ зимни омӯзиши урфу одат ва зиндагиву рӯзгори мардуми Бадахшон, ба шарҳу баёни мухтасари тақвими деҳқонии ин диёр низ пардохтааст ва дуюмӣ роҷеъ ба тақвими омиёнаи Ванҷи Боло ва кӯҳистони Помир маълумотҳои муфиде ироа намудааст. Агар мо ба иттилои ин ду нафар муҳаққиқони рус, ки дар ибтидои асри XX ба таҳқиқи масоили ёдшуда машғул шуда буданд, силсилаи тадқиқотҳои М.С.Андреевро[4] доир ба этнология ва этнографияи мардуми Помир, тоҷикони Афғонистон, омӯзиши урфу одат, тарзи зиндагӣ, муносибатҳои оилавӣ ва дигар масоили маишиву рӯзгори мардуми Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷикони водии Хуф (Амударёи улё) ва Яғнобро ҳамроҳ кунем, роҷеъ ба солшумории мардуми ноҳияҳои кӯҳистон ва соҳилнишини тоҷикон тасаввуроти умумӣ пайдо карда метавонем.

Бешубҳа, муҳаққиқони тоҷик низ дар бораи масъалаи мавриди баҳс кори шоён анҷом додаанд. М.Забирзода[5] ҳанӯз дар миёнаҳои асри гузашта ба омӯзиши «солшумории халқӣ» пардохта, дар мақолаи худ бурдани ҳисоби сол аз рӯйи узвҳои бадани инсон (аз нохуни по то фарқи сар) маводи муфидеро ироа намудааст ва ҳар як узвро як нишоне ба қалам дода, ки ҳамчун аломати шартӣ дар фаслҳои сол ба мизоҷ ва табиати он узв (нармию мулоимӣ, сардию хушкӣ, гармӣ ва ғайра) мутобиқат мекунад. Хусусияти дигари ин солшумории мардумиро ӯ дар он дида, ки ин ҳисоб аз рӯйи андоми инсон на дар ҳамаи манотиқи сарзамини Шарқ мувофиқат мекардааст ва аз рӯйи иқлиму шароити ҷаввӣ (обу ҳаво) шояд фақат хоси Осиёи Миёнаву Афғонистон бошад.

То чӣ дараҷа ба ҳақиқат наздик будани ин гуфтаи муҳаққиқро ба қазовати олимон ҳавола хоҳем кард, зеро баъзе дигар муҳаққиқон, аз ҷумла Анна Красноволская радди пои ин солшумориро дар дигар мавзеъҳо ба мисли Озарбойҷону Курдистон ва дигар арозии ҳамҷавори Осиёи Миёнаву Афғонистон дар тақсимбандии фаслҳои сол пайдо намудааст ва шояд ин ҳам охирин марзҳои интишори ин навъи тақвими мардумӣ набошад[6].

Ба ҳар ҳол, барои боз ҳам равшан шудани ин матлаб дар ин ҷо ба таҳқиқоти падару писар Шакармамадовҳо[7] ва Рӯзӣ Аҳмадов низ ишора хоҳем кард. Шакармамадовҳо дар «Наврӯзи Бадахшон» ном таълифоти худ зимни баррасии русуму одат ва маросимҳои наврӯзии мардуми Бадахшон роҷеъ ба тақвими мардумии он низ аз рӯйи бадани инсон таваққуф намудаанд. Рӯзӣ Аҳмадов бошад, ҳамаи масоили фавқро ҷамъбаст намуда, умумияти солшумории мардумиро дар мавзеъҳои гуногуни Осиёи Миёна дар он дида, ки аз рӯйи андом ҳисоб кардани сол ба хусусияти вуҷуди инсон вобаста аст. «Аломат ё нишонаҳо ба фаслҳои сол ва тағйироти обу ҳаво мувофиқ меомаданд. Ҳар як узви бадани инсон, яъне ҳар як нишон чун аломати шартӣ ба гармиву сардӣ ва нармию сардии ҳаво мувофиқат мекард. Масалан, нишонҳои «нохун», «буҷули по» ва «қалами по» (линг) табиатан сохтаанд, ҳисобдонҳо барои онҳо айёми сардтарини сол - «чилла»-ро муқаррар кардаанд. Ё худ барои нишони «лабу дандон»… шукуфоии гулу гиёҳонро муқаррар кардаанд… Инсон тибқи ин тақвим муддати муайяни фасли солро ифода мекунад. Офтоб аз рӯйи ин ҳисоб дар ҳар як «нишон» (-и инсон) рӯзҳои муайян таваққуф намуда, сипас ба боло то фарқи сар ва сонӣ боз аз он ҷо то нохун ҳаракат мекардааст»[8].

Аз иқтибоси боло ва баррасии дигар муҳаққиқони ватанию хориҷӣ маълум мешавад, ки солшуморӣ ва тақсими фаслҳо ва рӯзҳои ба онҳо марбута дар манотиқи гуногун гузинаҳои (вариантҳои) гуногун доштаанд. Ҳамаи ин навъҳои гуногуни тақвими мардумиро мавриди баррасӣ қарор дода, Анна Красноволская таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, аз ҷумла гуфтааст, ки ба намоди инсонӣ фаслҳои соли мардумиро созмон додаанд, ки агар ба умқи онҳо назар афканем, ба хубӣ метавонем мушаххас кунем, ки фаслҳои сол ба ҳамон гардиши Офтоб ва дар ин ё он бурҷ қарор гирифтани он, ки асоси илмии нуҷумӣ дорад, вобаста аст. Аз ин рӯ, чунин ба назар мерасад, ки дар ин ҷо омӯзиши падидаҳои нуҷумию табиӣ бо замонсозиҳои мардумӣ ва фарҳангҳои маҳаллӣ дар партави устураву ривоят ва мушоҳидаю таҷрибаи деҳқонию кишоварзӣ ба вуқӯъ пайваста, ба худ тору пуди минтақавӣ танидааст.

Ба ибораи дигар, дар тақвими мардумӣ инсон тимсоле ба шумор меравад, ки ҳар узви бадани ӯ мавсимҳои муайяни фасли солро дар худ таҷассум менамояд. Агар ин масъаларо боз ҳам оддитар баён кунем, маълум мегардад, ки дар солшумории омиёна як намоди содаи мард вуҷуд дорад, ки аз рӯйи он аз чиллаи зимистон сар карда, то дигар унсурҳои мавсимҳои фаслҳои солро мушаххас намудан имконпазир аст. Он аз инқилоби зимистонӣ ё худ ҳади аксари ҳаракати фосилавии Офтоб аз нуқтаи эътидоли тирамоҳӣ (ки ҳамон $23^0$-$27^0$ бошад) шурӯъ мешавад ва дар ин ҳангом Офтоб аз нохуни пои инсон ворид шуда, то фарқи сари ӯ бо таваққуфи муайяни фосилаи замонӣ дар ҳар як узви бадан ҳаракати суудӣ (ба боло) мекунад. Аз инқилоби тобистонӣ, ки Хуршед ба ҳади аксари фосилаи худ аз нуқтаи эътидоли баҳорӣ (яъне, ба $23^0$ -$27^0$) расид, ҳаракати бозгашти Офтоб бо ҳамон тартиби таваққуфи фосилаи муайяни замонӣ дар узвҳои бадани инсон ҳаракати нузулӣ (ба поин) менамояд. Ин ҳаракати рафту баргашти Офтоб аз рӯйи андоми инсон бо таваққуфоти он дар аъзои бадани он маҷмӯан як сол ё худ як сикли комилро ташкил медиҳад, ки баробар ба 365 рӯз мебошад.

Аз он чӣ гузашт, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки тақвими мардумии мазкур ба ривоятҳои тақвими зардуштӣ, ки он низ аз унсурҳои омиёна ва тасаввуроти мардумӣ орӣ намебошад, дар масъалаи мутобиқати нишонаҳо ва ҷинсияти инсон бо нишонаву ҷинсияти фаслҳои сол ва хусусияти онҳо мувофиқат дорад, зеро маъмулан тирамоҳу зимистон дар тасаввуроти мардуми ориёӣ ҷинси музаккар (нарина) ва баҳору тобистон ҷинси муаннас (модина) шинохта шудааст. Бешубҳа, ин ақида аз ҳамон тасаввуроти бостонии Осмон - Падар ва Замин - Модар ғизои маънавӣ гирифтааст, чун Замин дар фасли зимистон борвар (обистан) ва дар фасли баҳор зери шуои Офтоб самар ба бор меоварад. Ин ҳодиса ҳар сол такрор хоҳад шуд, зеро ҷинси музаккар мутлақияти ин ҳодисаро нишон медиҳад ва ҷинси муаннас ишора ба номутаноҳӣ будани он мекунад.

Қабл аз он ки ба баёни бештари масъала шурӯъ кунем, нуктаеро бояд дар ин ҷо зикр намоем, ки он низ мутааллиқ ба тасаввуроти омиёна аст. Сухан дар бораи он меравад, ки дар асотири мардуми ориёӣ зимни ивазшавии фаслҳои сол дар аҳди бостон рӯшаноӣ, партавафшонии Хуршед ва эътидоли ҳаво мазҳари некӣ ва саодати аҳуроӣ ба шумор мерафт. Баръакс, зулмат, сармои сахти зимистон бо боди серунаш мазҳари бадӣ ва зодаи нируҳои аҳриманӣ маҳсуб мешуд. Вале бо гузашти айём ва ташаккули андешаҳои иҷтимоӣ ва андӯхтани таҷрибаи умури кишоварзӣ мардум ба чунин натиҷа расид, ки зимистон бо он намию боришоту сардӣ барои серҳосил шудани кишти баҳорӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад ва масъалаи асосӣ акнун аз пушти сар намудани сардии зимистон иборат мебошад.

Ҳамин тариқ, солшумории омиёна аз рӯзи инқилоби зимистонӣ шурӯъ шуда, дар он Офтоб зимни ҳаракати худ ба пайкари мард аз нохуни по сар карда, ворид мешавад ва то зону ба муддати 40 рӯз мерасад, ки ин қисматро «чиллаи зимистон» меноманд. Офтоб зимни ҳаракати суудиаш аз нохун ба буҷулаки по, аз он ба қалами по, аз он ба нармии по, аз он ба бағали по ва аз он то ба зону боло меравад. Теъдоди рӯзҳои таваққуфи Офтоб дар ин узвҳои баданро олимон ба таври гуногун тасвир кардаанд ва дар ҳалли ин масъала байни онҳо фикри ягона вуҷуд надорад. Вале, агар ин қазияро аз рӯйи нишондоди Анна Красноволская, ки нисбат ба фикри дигарон гуфтаҳои ӯ мӯътамадтар ба назар мерасад, арзёбӣ кунем, ҳаракати баъдии Офтоб аз зону то қалби инсон сурат мегирад, ки он дар тӯли 50 рӯз (панҷоҳаи мард) амалӣ мешавад. Рӯзи расидани ҳаракати Офтоб то ба қалби инсон, ки мусодиф бо эътидоли баҳорӣ хоҳад буд, соли нав фаро мерасад ва ҷашни Наврӯз таҷлил мегардад[9].

Ҳаракати суудии Офтоб то нохун ва аз нохун то зону ва аз он то қалби инсонро ба забони омиёна баён кунем, аз 21 декабр (аввали даймоҳ), ки мусодиф бо инқилоби зимистонист, «чиллаи бузург» ё худ «чиллаи калон» шурӯъ мешавад ва он 40 рӯзи тамом идома пайдо мекунад ва 30 январ (10 баҳманмоҳ) ба итмом мерасад. Рӯзи ба итмом расидани «чиллаи бузург»-и зимистонро дар гузашта ба унвони ҷашни Сада таҷлил мекарданд, ки роҷеъ ба он дар бахши марбута таваққуф хоҳем кард. Аз 31 январ (11 баҳман) ба муддати 20 рӯз «чиллаи хурд»-и зимистон идома меёбад ва рӯзи баитмомрасии онро мардуми тоҷик дар гузашта ҳамчун ҷашни Замин-Модар дар умури кишоварзӣ қайд мекарданд. «Чиллаи хурд» 21 феврал (охири баҳманмоҳ) ба охир мерасад ва моҳи ҳут ворид мешавад, ки дар тӯли он низ чанд воҳиди хурди тақвими омиёна вуҷуд доранд. Вуруди Офоб ба зону ва қалб дар тақвими омиёна низ рӯзҳои муборак шинохта шудаанд, ки яке бо ҷашни Сада ва дигаре бо ҷашни Наврӯз мусодиф аст.

Идомаи ҳаракати Офтоб аз қалби инсон то фарқи сари ӯ 50 рӯз бо таваққуф дар узвҳои бадан идома пайдо мекунад ва берун аз пайкари инсон низ ба муддати 40 рӯз давом меёбад, ки аз охири он «чиллаи тобистон» аз моҳи «саратон» шурӯъ мешавад. Ҳаракати нузулии Хуршед ба мабдаъ низ ба ҳамон минволи ҳаракати суудӣ аз инқилоби тобистонӣ шурӯъ шуда, аз фарқи сари инсон то нохуни пояш идома пайдо хоҳад кард. Ҷашни муҳими ин давра дар таодули тирамоҳӣ Меҳргон мебошад.

Ду нуктаи муҳими дигареро дар ин ҷо тазаккур додан аз аҳамият холӣ нест. Нуктаи аввал аз он иборат аст, ки дар ин тақвими мардумӣ ду давраи «чилла», яъне «чиллаи зимистон» ва «чиллаи тобистон» бозтоби бо ду нимаи баробар тақсим шудани солро аз тариқи ду инқилоби зимистонию тобистонӣ инъикос мекунад. Ин нукта ақидаи қаблии аз 7 моҳи зимистон ва 5 моҳи тобистон ва ё 7 моҳи тобистон ва 5 моҳи зимистон иборат будани солро, ки қаблан дар байни мардум роиҷ буд, инкор мекунад. Бо вуҷуди ин, чунонки муҳаққиқон зикр намудаанд, дар баъзе мавзеъҳо чунин тақсимбандии 7 ва 5 моҳаи сол дар байни ақвом боқӣ мондааст.

Нуктаи дуюмро Анна Красноволская махсусан таъкид кардааст. Ба фикри ӯ, роҷеъ ба масъалаи мавриди баҳс ҳеҷ гуна манбаву маъхазе то рӯзгори мо боқӣ намондааст ва узвҳои инсонро намоди солшуморӣ қарор додан натиҷаи заҳмати ӯ дар ҷамъоварӣ ва баррасии маводи пароканда мебошад. Дар ин робита ӯ ҳамчунин зикр карда, ки чиллаҳои мазҳабию ирфонӣ (чилланишинӣ) ва русуму ойини хонаводагӣ, аз қабили чиллаи заношӯӣ, чиллаи таваллуд ва чиллаи (чили) мард ва ғайра бояд ба ҳамин масъала ба навъе алоқа дошта бошад ва ин нукта баррасии бештареро тақозо мекунад.

Чунонки мулоҳиза мешавад, нахустин рӯзи инқилоби зимистонӣ ба охир расидани тирамоҳ ва шурӯи зимистон маҳсуб мешавад. Ин рӯз кӯтоҳтарин рӯзи тирамоҳ ва шаби он тӯлонитарин шаби зимистон мебошад, ки онро ба истилоҳ «шаби Ялдо» меноманд. Дар «Бурҳони қотеъ» таърифи истилоҳии «Ялдо» чунин омада: «Ялдо шаби аввали зимистон ва шаби охири поиз (тирамоҳ) аст… ва он дарозтарин шабҳост ва дар он шаб ва ё наздик ба он шаб Офтоб ба бурҷи ҷаддӣ таҳвил мекунад ва гӯянд он шаб бағоят шум ва номуборак бошад»[10].

Матлаби дигаре, ки зикри он зарур аст, «ҳисоби мард», «панҷоҳаи мард» ва «нишона»-ҳои андоми одам мебошад, ки дар боло ба онҳо ишора шуда буд. Ба фикри Анна Красноволская, ин усули мардумии пайкари мард дар шаҳрҳои Рӯшон, Шуғнон, Язғулом, қисмате аз дараи Хингоб ва доманаи шимолии ҳамсояи силсилакӯҳҳои Дарвоз ба кор бурда мешуд. Дар ҳамин охирҳо муҳаққиқ Ҷаҳонов осори бозмондаи онро дар бахшҳои тоҷикнишини дараи Фарғона пайдо намуд, ки системаи мушаххасоти он чунин будааст: тақсими баробари сол ба ду нима, вуҷуди давраҳои пуру холӣ дар ҳар як аз нимаҳо, тартиби қисматҳои пур бар асоси тарҳи бадани инсон бо ин тасаввур, ки зоҳиран Хуршед ду бор дар сол аз тӯли қомати инсон мегузарад; қисматҳои холии сол чилла ё биёбон номида мешавад; баробарии ду нимаи сол, яъне зимистон - баҳор ва тобистон - тирамоҳ сарнагун нисбат ба андом аст.

Хуршед дар ҳар қисмати пайкар ба андозаи шумораи муайяни рӯзҳо мемонад. Шарҳи масири Хуршед, чунонки мардум дар ин ё он деҳкада бовар доштанд, аз ҳам фарқ мекард, аммо воҳидҳои таваққуфаш ағлаб се, ҳафт, нӯҳ ё ёздаҳ рӯз буд. Деҳаҳо ҳар чӣ бузургтар буданд, эҳтимолан бештар дар маърази таҷзия қарор мегирифтанд, ҳамон тавре ки болову пойин рафтан аз масири пайкари мард давраҳои бисёр сахти кори кишоварзиро мепӯшонд, анвои бахусуси обу ҳаво падидаҳои табиӣ ва фаъолиятҳои киштукор низ ба ҳар қисмат аз бадани мард нисбат дода мешуд. Ҳар бозгузари Хуршед аз рӯйи пайкари мард аз по то сар ё баръакс дар ҳамаи суратҳои гуногуни ин дастгоҳ ҳудуди 90 то 100 рӯз тӯл мекашад. Миқдору муддати замони анҷоми мароҳили дохили тасвири бадани мард бар асоси обу ҳаво ва авзои иқтисодии маҳаллӣ танзим мешуд. Қисматҳои боқимондаи сол бо воҳидҳои тақрибан 40-рӯза, ки «чилла» ё «биёбон» номида мешуд, пур мегардид, ки шомили гармтарин ва сардтарин давраҳои сол буд[11].

Ҳангоми мутолиаи адабиёти марбут ба тақвиму маросимҳои мардумӣ зимни таҳлили онҳо ба ду масъала аҳамияти бештар дода шуд, ки хулосаи онҳоро дар ин ҷо ироа хоҳем кард. Яке аз онҳо ба гули «сиёҳгӯш» ё худ «бойчечак» ва дигаре ба моҳи охири зимистон, яъне «ҳут» марбут аст. Масъалаи аввалӣ, хушбахтона, ҳоло ҳам дар аксари шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва ҳам берун аз он мушоҳида мешавад ва ин суннати маросимии дерин таърихи куҳану дилангези чандҳазорсола дорад.

Мувофиқи таълимоти ойини зардуштӣ «Воҳу Мана» ё худ «Баҳман» аввалин офаридаи муҷарради Аҳуромаздо ба шумор меравад. Он аз ҷумлаи фариштагони муқаррибу муқаддаси кеши зардуштист ва «Воҳу» («Vohy») маънои нек ва хубро дорад ва «Мана» («Manah») - андеша ва фикр аст, ки дар якҷоягӣ «андешаи нек»-ро ифода мекунад. «Воҳу Мана» дар Авесто ҷилваи зоти худовандӣ шинохта шудааст. Гули баҳман ё худ бойчечак бошад, ба мисли аввалин офаридаи Аҳуромаздо нахустин қосиди баҳор аст.

Агар инсон дар олам дар шахси Зардушт намояндаи Аҳуромаздо дар рӯйи замин маҳсуб шавад, «гули наврӯзӣ» ё худ «баҳман» пайғомдиҳандаи баҳор аст ва Наврӯз, агар чунин гуфтан ҷоиз бошад, сарвари тамоми ҷашнҳои мавсимию маросимии сол ба шумор меояд. Баҳман номи 11-уми солшумории ҳиҷрии шамсӣ аст. Рӯзи дуюми моҳи баҳман, ки бо баҳманрӯз мусодиф мешавад, ҳамчун рӯзи накӯ бо номи «Баҳмангон» ҷашн гирифта мешуд, ки номи онро дар забони арабӣ «Баҳманҷана» меноманд. Дар «Минҳоҷ-ул-фурс» омада, ки «Ваҳманҷана аз баҳманмоҳ ва подшоҳони Аҷам ин рӯзро фасли нек доштандӣ ва баҳмани сурху сафед сари ҳама чиз бигзоштандӣ». Дар «Ат-тафҳим» Абурайҳони Берунӣ низ чунин таърифро ироа намуда, зимнан илова кардааст, ки «дар ин рӯз баҳмани сафед бо шир бояд хӯрдан ба ҷиҳати зиёдатии ҳофиза…». Оҳанге низ бо номи «Баҳманҷана» вуҷуд доштааст, ки онро дар ҷашни «Баҳмангон» («Баҳманҷана») менавохтаанд. Вале маросими ҷашни Баҳмангон дигар асту маросими гулгардонӣ дигар. Манучеҳрии Домғонӣ ба ҳамин муносибат байти зерро гуфтааст:

> ***Расми баҳман гиру аз нав***
> ***тоза кун баҳманҷана,***
> ***Эй дарахти мулк борат***
> ***иззу бедорӣ тана.***

Чун баҳманмоҳи ҳиҷрии шамсӣ наздик ба Наврӯз аст, аввалин гули баҳорӣ, ки дар ҳамин моҳи баҳман зери барфу таъсири шуои Офтоб мерӯяд, онро қосиди баҳор ва навиди наврӯзӣ мепиндоштанд. Он дар мавзеъҳои гуногуни Осиёи Миёна ва Эрону Афғонистон бо номҳои гуногун, аз ҷумла «гули баҳман», «гули наврӯзӣ», «бойчечак», «гули сиёҳгӯш», «бойкандак» ва ғайра машҳур буд. Маросими онро низ дар маҳалҳои гуногун бо унвонҳои мухталиф ном бурдаанд, вале номи адабии онро «гулгардонӣ» меноманд.

Гулгардонӣ яке аз маросимҳои мардумии пешазнаврӯзист, ки аз зери хок баромадани нахустин нишонаи баҳорро дарак медиҳад. Он асосан дар эҷодиёти даҳонии (шифоҳии) халқ инъикос ёфтааст ва мардум ормону муддаои худро тавассути суруду таронаҳои халқӣ дар васфи «гули баҳман» («бойчечак») ва васфи баҳор ифода мекунанд. Қаблан гулгардонӣ кори ҷавонону болиғон будааст ва ҳатто калонсолон низ дар он ширкат меварзидаанд. Ҳоло бештар бачаҳои ҷавон аз саҳро ва талу теппаҳо «гули баҳман» («бойчечак» ё «сиёҳгӯш»)-ро оварда, решаи онро «бо лой» пӯшида, маъмулан бегоҳирӯзӣ ҷамъ мешуданд ва ба хонаҳои гузар ё маҳаллаи худ «гулгардонӣ» мекарданд.

Дар ин маросим як нафар сарбайтхон буд, ки суруду таронаҳои «гулгардонӣ»-ро мехонд ва дигарон ба нақароташ ҳамроҳ мешуданд. Кадбонуҳои манзил баъди поён ёфтани суруд, «бойчечак»-ро гирифта, ба чашмонашон мемоланд ва шукронаи ба баҳор расиданро карда, ба «гулгардонон» аз рӯйи имкониятошон барои расонидани навиди баҳор гандум, орд, нахӯд, биринҷ, меваи хушк, нону пул ва ғайра инъом медоданд.

Ҳамин гуна маросимҳои рамзии суннатӣ буданд, ки суруди таронаҳои халқӣ эҷод шуда, ганҷинаи адабиёти бадеии моро бо дурру гуҳар ғанӣ мегардониданд:

**Сарбайтхон:**
*Бойчечака аслаш гул*
*Гулзор макони булбул*

**Нақарот:**
*Бойчечак, бойчечак*

**Сарбайтхон:**
*Таги остона гур-гур*
*Хонаи мо аз нон пур*

**Нақарот:**
*Бойчечак, бойчечак*

**Сарбайтхон:**
*Таги остона дутор*
*Будем баҳорба хумор*

**Нақарот:**
*Бойчечак, бойчечак*
*Титон як пули пуччак*

* * *

**Сарбайтхон:**
*Бойчечаке, бойчечак*
*Даста-даста гулчечак*
*Миён борику химчак*
*Тамошо кун, келинчак*

**Нақарот:**
*Баҳори нав муборак!*
*Баҳори нав муборак!*

**Сарбайтхон:**
*Гул овардам ба меҳмонӣ,*
*Ту қадри гулро медонӣ?*
*Агар донӣ, суруд хонӣ!*

**Нақарот:**
*Гули баҳор муборак бод,*
*Мужда, баҳор муборак бод!*

**Сарбайтхон:**
*Гули сияҳгӯш хушрангай,*
*Миёни хору ҳам сангай,*
*Аз он дилҳо хурсандай.*

**Нақарот:**
*Баҳори нав муборак бод,*
*Баҳори нав муборак бод!*

**Сарбайтхон:**
*Гули сиёҳгӯши лабгардон,*
*Табақ пур куну баргардон,*
*Бидеҳ ба дасти гулгардон!*

**Нақарот:**
*Баҳори нав муборак бод,*
*Баҳори нав муборак бод!*

Ҳангоми омӯзиши масъала ба таҳқиқоти зиёд муроҷиат шуд, ки дар онҳо олимони тоҷик паҳлуҳои гуногуни ин маросими мардумии навиди баҳорро тадқиқу баррасӣ намудаанд. Тибқи маълумоти онҳо, маросими «гулгардонӣ» дар қисмати ҷануби Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, водии Ҳисор, Зарафшон, дар Самарқанд, Бухоро, вилояти Сурхандарё, водии Қашқадарё, ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззахи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, қариб дар ҳама шаҳру ноҳияҳои қисмати шимоли Тоҷикистон, махсусан дар шаҳрҳои бостонии Хуҷанду Истаравшан ва ноҳияи Ғончӣ то ба ҳол аҳамияти худро гум накардааст ва бо баъзе тағйироти ҷузъӣ аз якдигар ин маросим ҳар сол гузаронида мешавад.

Бинобар он ки маросими «гулгардонӣ» бо шеъру суруду тарона пайваста иҷро мешавад ва ҷанбаи эҷодиёти шифоҳӣ дорад, фолклоршиносони тоҷик дар ин соҳа кори шоёне ба субут расонидаанд. Н.А.Маъсумӣ[12] баъзе порчаҳои таронаҳои маросими гулгардониро мавриди таҳқиқ қарор дода, мазмуну мундариҷаи ғоявии онро баррасӣ намудааст. Раҷаб Амонов[13] шояд дар ин ҷода заҳмати бештар кашида бошанд, зеро эшон роҷеъ ба сурудҳои мавсимии аҳолии Кӯлоб ва тарзи иҷрои суруду тарона ва мундариҷаву мӯҳтавои онҳо дар «Очерки эҷодиёти даҳонакии халқи Кӯлоб» ва дар бораи хусусиятҳои маросимии «бойчечак»-и шаҳри Истаравшан, ҷиҳатҳои муштарак ва фарқкунандаи суруду таронаҳои ба ин мавзӯъ бахшидашудаи ин шаҳри бостониро бо таҳлили баъзе мисраъҳои шеърӣ дар «Қиссаҳои диёри чашмасор»[14] маводи муфидеро ҷамъоварӣ намуда, онҳоро манзури хонандагон намудааст.

Д.Обидов бо таҳқиқи сурудҳои «баҳория»-и тоҷикони Афғонистон пардохта, онҳоро гурӯҳбандӣ намудааст. Ба гурӯҳи аввали «баҳория» таронаҳои «гулгардонӣ»-ро ҷой дода, ҳам мазмуну мундариҷаи таронаҳои баҳориро таҳқиқ ва ҳам онҳоро бо «гулгардонӣ»-и маъмул дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса намудааст. Агар ин мавзӯъро боз ҳам дунбол кунем, ба осонӣ метавон дарёфт, ки чунин маросими «гулгардонӣ» бо суруду тарона дар Осиёи Миёна, Эрону Афғонистон ва дигар мавзеъҳои ҳамҷавори он фаровон вуҷуд доштааст.

Масъалаи дигаре, ки дар боло роҷеъ ба он ёдовар шуда будем, моҳи «ҳут» аст, ки он охирин моҳи солшумории ҳиҷрии шамсист, вале дар тақвими мардумӣ низ он мақоми хоса дорад. Тамоми корҳои оид ба омода намудани замин, порупошӣ, тоза кардани наҳру ҷӯйборҳо, тайёр кардани олоти меҳнат, захира кардани тухмӣ ва дигар кори марбут ба умури кишоварзиро деҳқонон дар ҳамин моҳ анҷом медоданд. Дар гузашта моҳи ҳутро аҷдоди мо дар Осиёи Марказӣ бо афрӯхтани оташ ва созу овоз ҷашн мегирифтанд, ки ҳоло бисёр нишонаҳои он дар ноҳияҳои водии Рашт (Қаротегин), Ромит ва Яғноб боқӣ мондааст.

Таваҷҷуҳи моро чунин нукта дар ин моҳ ба худ ҷалб кард, ки боду ҳавои он тағйирёбанда аст ва аз ин рӯ, дар тақвими мардумӣ 17 рӯзи онро ба Ҳути бадбурут (ҳамчун мард), 7 рӯзи онро ба Аҷуз (ҳамчун зан), 3 рӯзи онро ба Аксу Наҳс нисбат додаанд. Баъди се рӯзи Наҳс соли нав фаро мерасид. Ҳафт рӯзи Аҷуз, ки ба сабаби охирин моҳ буданаш вайро Аҷузкампир низ мегӯянд, дар солшумории мардумӣ ба унвони як образи манфӣ қаламдод шудааст ва дар ин бӯъди замонӣ вай бо сардию серунияш гӯё ба нобуд кардани кӯдакон мепардохтааст ва кампиронро бо сардӣ аз по дармеафтондааст. Зарбулмасали «Ҳут агар ҳутӣ кунад, кампира дар қутӣ кунад» шояд аз ҳамин нукта ғизои маънавӣ гирифта бошад. Унсурҳои образноки аз сардӣ ва хунукии даҳшатангези пешазнаврӯзӣ хабар додани моҳи Ҳут, хусусан қисмати Аҷуз ва Аксу Наҳси он дар адабиёти шифоҳии мо боиси ба вуҷуд омадани афсонаҳои зиёди бачагона низ гардидааст.

Охирин солшумории мардумие, ки ба баррасии он хоҳем пардохт, «мучал» ё худ «мӯлҷар» мебошад. Хостгоҳи ин солшумории мардумиро муҳаққиқон кишвари Хитой медонанд. Яъне, он аввал дар байни уйғурони Хитой ҳамчун солшумории мардумӣ ба вуҷуд омада, дар давраи тахти тасарруфи муғулҳо будани Осиёи Миёнаву Эрон байни тоҷикон ва дигар халқу миллатҳои сокини он ҷорӣ шудааст. Ин солшуморӣ бештар барои муайян намудани синну соли одамон мавриди истифода қарор мегирифт. Мардуми авом аз ин ҳисоби сол камтар иттилоъ доштанд ва мучалдононе дар байни мардум аз афроди нисбатан саводнок буданд, ҳисобдонони ин солшуморӣ ба шумор мерафтанд.

Дар ин солшумории мардумӣ аз ҳайвоноти 12-гонаи зер истифода мекарданд: 1. Муш. 2. Бақар. 3. Паланг. 4. Харгӯш. 5. Наҳанг (Моҳӣ), 6. Мор. 7. Асп. 8. Гӯсфанд. 9. Ҳамдуна (Маймун). 10. Мурғ. 11. Саг. 12. Хук. Тарзи муайян намудани синну сол дар ин солшуморӣ нисбатан осон аст. Ҳисоби шахси дар яке аз ин солҳо таваллудёфтаро аз номи ҳайвони ба он марбута оғоз мекунанд. Масалан, шахс дар соли гӯсфанд таваллуд шуда бошад, солаш гӯсфанд аст, дар соли асп таваллуд шуда бошад, солаш асп аст. Баъди ҳар 12 сол як даври комили мучал ба поён мерасад ва ба он як соли батнимодариро ҳамроҳ мекунанд, ки он 13 сол мешавад ва якҷоя бо мучали дуюм 25 солро дар бар мегирад. Аз рӯйи он бо истифода аз ҳисоби даврии мучал соли ҳар шахсро муайян намудан мумкин аст. Тартиби солҳои баёншударо Абунасри Фароҳӣ ба назм дар «Нисоб-ул-сибён» чунин баён кардааст:

> ***Мушу бақару палангу***
> ***харгӯш шумор,***
> ***З-он чор чу бигзарӣ, наҳанг***
> ***ояду мор.***
> ***Он гоҳ ба аспу гӯсфанд***
> ***аст ҳисоб,***
> ***Ҳамдунаву мургу сагу хук***
> ***охири кор.***

Аз рӯйи нишондоди М.Мирзо баргардонидани соли таваллуди милодӣ ба «мучал»-ро чунин муайян мекунанд: аввал ба соли таваллуд (аз рӯи солшумории милодӣ) рақами 9-ро ҷамъ мекунанд, ҳосили ҷамъро ба рақами 12 тақсим менамоянд ва рақами бақияи тақсим айнан ба рақами тартиби ин ё он соли «мучал» баробар меояд. Масалан, агар соли таваллуди шахс 1945 бошад, он гоҳ дар ҳисоби «мучал» ё «мӯлҷар» чунин мешавад:

**1945+9= 1954**
**1954:12=162**
**Бақия - 10**

Пас, рақами 10 аз рӯи тартиби ҳайвонҳо ба соли Мурғ рост меояд. Аз ин рӯ, соли ӯ мурғ аст.

Бархе аз муҳаққиқон бар чунин ақидаанд, ки ин солшумории мардумӣ аз тариқи мардуми туркзабон ба рӯзгори халқи тоҷик дохил шудааст, вале назари дигаре низ дар ин бора вуҷуд дорад, ки тибқи он «мучал» аввал дар байни бодиянишинону чорводорони Юнону Бохтар пайдо шуда, баъд ба Муғулистону Хитой, Япония, Ҳиндустон, Миср, Ироқ, Эрону Афғонистон ва дигар мамолик русух кардааст. Ҳисоби сол аз рӯи ҳайвонот ба ин фарзия далели равшани он аст, ки «мучал» ё худ «мӯлҷар» аз даврони қадим байни халқу миллатҳои Осиё ва Африка интишор ёфта будааст.

Дар ин намуди солшумории мардумӣ, аз рӯйи хусусияту табиати ҳайвонҳо, ҳалолию ҳаромӣ ва бисёр дигар меъёрҳои сириштию мизоҷии онҳо ба афроди дар ҳамон соли ҳайвон таваллудёфта толеъбинӣ ё худ толеънома корбаст менамуданд. Дар солшумории «мучал» қисме аз солҳо наҳс, қисме аз онҳо саъд ва қисме аз онҳо мӯътадилу-т-табойеъ мебошанд. Дар воқеъ, чунин тақсимбандӣ дар солшумории ҳиҷрии қамарӣ (мусулмонӣ) низ мушоҳида мешавад. Масалан, дар ҳошияи «Китоб-ул-офоқ» аз қавли Пайғамбар (с) овардаанд, ки дар ҳар сол 24 рӯзи наҳс аст. Масалан, моҳи сафар (моҳи дуюми ҳиҷрии қамарӣ), хусусан се рӯзи аввал ва се рӯзи охири он наҳси акбар шинохта шудааст, ки мардум дар ин рӯзҳо ба аёдати беморон намерафтанд, ба бунёди иморат намепардохтанд, либоси нав намедӯхтанд, ба сафар намебаромаданд ва тӯю маросими шодбошию маърака намегузарониданд.

Дар солшумории мардумии «мучал» низ ин ҳодиса ба назар мерасид. Масалан, соли мор наҳстарин сол ба шумор мерафт, сару думи мор (оғозу анҷоми моҳ) ишора ба воқеаву ҳодисаҳои даҳшатангез, қаҳтию хушксолӣ, гуруснагӣ ва нобасомониҳои иҷтимоӣ мекард, вале соли асп хушоянд буда, касе дар он сол мутаваллуд шавад, толеъбинон матину қавиирода, пуртаҳаммулу ботамкин ва масъулиятшиносу суботкор шудани ӯро пешгӯӣ кардаанд. Ҳамчунин онҳо мӯътақиданд, ки чунин шахс дар амали эҷодӣ бо саъйи зиёд ва кӯшиши беандоза соҳиби мақоми шоиста мегардад, дар иҷрои кори ҷисмонӣ рағбат дорад, душвориҳои зиндагиро ба осонӣ паси сар хоҳад кард, зудбовар, вале аз ғайбатгӯӣ танаффур дорад, камҳарфу шунавандаи хуб аст. Дар ин бора Рӯзӣ Аҳмадов низ дар тадқиқоти худ баъзе маълумотҳо ироа намудааст[15].

Ба ҳамин минвол тамоми солҳои ин солшумории мардумиро вобаста ба хусусияти ҳайвонҳои 12-гона шарҳ додан мумкин аст, вале ба баррасии ин масъала напардохта, чунин нуктаро зикр кардан зарур аст, ки астрологҳо ва мунаҷҷимон дар ин робита кори зиёд анҷом дода, табиати нуҷумӣ ва низоми зиндагии мардуми иқлимҳои гуногуни заминро низ муайян намудаанд. Дар ин ҷо чунин матлабро хотирнишон бояд сохт, ки ин солшумории мардумӣ ба ҷуз миқдори моҳҳои сол ва теъдоди рӯзҳои моҳ чизи мушаххаси дигареро ироа накардааст.

Қабл аз он ки ба ин қисмат хотима диҳем, боз роҷеъ ба як маросими хурди дигаре, ки номи онро дар Бухоро ҳамакнун «мӯлҷардароён» меноманд, нақл кунем. Вобаста ба ҷашни Наврӯз тоҷикони Бухоро ин маросимро мегузаронидаанд, ки бештар хусусияти тарбиявӣ доштааст. Бино ба ин маросим, духтар, ки ба синни 12-солагӣ расид ва ба синни 13-солагӣ қадам ниҳод, як мучалро пурра тай мекунад ва айёми кӯдакии ӯ пушти сар шуда, айёми шубоби ӯ оғоз меёфтааст. Ба ҳамин муносибат модарон маросими «мӯлҷардароён»-и духтаронашонро анҷом медодаанд. Чанд рӯз пеш аз оғози соли нав ба хешу таборон дар ин бора хабар дода, ба духтаронашон сару либос, аз ҷумла пироҳани сафед харидорӣ мекарданд ва дар рӯзи иди Наврӯз ҳамаи наздикону хешу таборон ҷамъ омада, духтарро дар мобайни хона менишонидаанд. Ӯро чун арӯс оро дода, ба ӯ бахти сафед орзу мекардаанд.

Ин маросими «мӯлҷардароён» дар рӯзи Наврӯз бо шодию сурур ва рақсу бозӣ, шеърхонӣ ва дастаи навозандагон гузаронида мешуд. Баъди чунин маросим духтарон, ки чанде баъд модар хоҳанд шуд, ба усули рӯзгордорӣ, бурру дӯз, пухту паз ва махсусан андӯхтани таҷрибаи назокати занона машғул мешудаанд. Ин маросими «муҷалдароён» ё «мӯлҷалгардонӣ»-ро дар Самарқанд «мӯнисакпӯшон», дар байни мардуми Қаратоғ онро «калтачапӯшон» меномидаанд.

***М.ҲАЗРАТҚУЛОВ,***
***доктори илмҳои***
***фалсафа, профессор***

1. *Красноволская Анна.* Чанд чеҳраи калидӣ дар асотири гоҳшумории эронӣ. - с.16.
2. *Бобринский А.А.* Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). М., 1908.
3. *Майский Л.* Исчисление полевого периода сельскохозяйственных работ у горцев Памира и Верхнего Ванча //Советская этнография. 1934, №4.
4. *Андреев М.С.* Таджики долины Хуф (Верховья Амударьи). Вып. 12. Сталинабад, 1953; По этнологии таджиков некоторые сведения. Ташкент, 1925; По этнологии Афганистана. Долины Панджшир. Ташкент, 1927.
5. *Забирзода М.* Солшумории халқӣ //Шарқи Сурх. 1957. №12.
6. *Красноволская Анна.* Чанд чеҳраи калидӣ дар асотири гоҳшумории эронӣ.- с.62.
7. *Шакармамадов Н., Шакармамадов О.* Наврӯзи Бадахшон. Хоруғ, 2003.
8. Ҳамон ҷо. - с.89-90.
9. *Красноволская Анна.* Чанд чеҳраи калидӣ дар асотири гоҳшумории эронӣ. - с.62.
10. Муҳаммад Ҳусайн ибни Халафи Табрезӣ. Бурҳони Қотеъ, ҷ. 4. Теҳрон, 1331. с. 8.
11. Красноволская Анна. Чанд чеҳраи калидӣ дар асотири гоҳшумории Эронӣ. – с. 66 – 67.
12. *Маъсумӣ Н.* Фолклори тоҷик. Нашри дуюм. Душанбе, 2005.
13. *Амонов Р.* Очерки эҷодиёти даҳонакии Кӯлоб. Душанбе, 1963.
14. *Амонов Р.* Қиссаҳои диёри чашмасор. - Душанбе, 1995.
15. *Аҳмадов Рӯзӣ.* Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ. - с.106-110.

# РАВШАНЗАМИР

## Зиндагиномаи устоди рӯзноманигорони Конибодом

### *Дар чорсӯи интихоб*

Тирамоҳи соли 1936 муҳаррири рӯзномаи «Роҳи Сталин» Ҷӯра Усмон ҳамин ҳоло аз як маҷлиси «фошкунии душмани халқ» баргашта, тани танҳо дар идора менишасту аз беҳавсалагӣ андешамандона ҳавлиро наззора мекард.

Рӯйи ҳавлӣ чашмаш ба ҷавони навхати ситорагарме афтод. Қомати баланд, мӯйҳои шоназада ва нигоҳи некдилонаи ҷавон дар дили кас эътимодеро қавӣ мекард, ки пеши ӯ покизагавҳаре истодааст. Ба Ҷӯраи Усмон чунин намуд, ки ин ҷавонро солҳо инҷониб мешиносад. Боз хурсанд ҳам шуд, ки аз танҳоӣ халос хӯрд.

-Биё, додарак, ба мо коре дорӣ?

-Ҳа,-гуфт ҷавон андаке беҷуръатона,- шеър оварда будам.

-Эҳ-ҳе, ин қадар ҷавонию аллакай шоир ҳам ҳастӣ? –Ӯро шердил кард муҳаррир. –Хӯш, аз куҷо пурсем, аз кадом мактаб.

-Аз педкомбинат.

-Аз шогирдони Аҳмадҷон домуллову Акбарҷони худамон будаӣ. Исто, ки номат чӣ буд?

-Ҷабборов Тӯхтасин.

-Э, хуш омадӣ додар! Дар бораи ту Акбарҷон бисёр мегуфт. Аълочии хониш будаанат, муҳаррири газетаи деворӣ буданатро ҳам медонам. Ниятам холис баромад, худам ҳам суроғат рафтанӣ будам.

Ҳамон рӯз муҳаррир бо Тӯхтасин дурудароз сӯҳбат намуд. Аз кори рӯзнома наклҳо кард, гӯё дар омади гап гуфт, ки оянда барои кор Тӯхтасин барин касҳо лозиманд.

Солҳо пас Тӯхтасин Ҷабборӣ он рӯзҳоро ба ёд оварда гуфта буданд: «Он сӯҳбат ба ман илҳоми тоза бахшид. Акнун ҳамин ки вақт меёфтам, ба ин даргоҳ меомадам. Албатта, дасти холӣ не, аз ҳаёти омӯзишгоҳ хабарҳо меовардам. Соли 1938 омӯзишгоҳро бо баҳои аъло хатм кардаму омӯзгоронам маро раҳо кардан намехостанд. Аммо муаллими адабиёти мо Акбарҷон Маҳкамов, ки акнун муҳаррири рӯзнома шуда буданд, маро ба ин идора оварданд ва ман муддате дар ду ҷой кор кардам…».

Аз ҳамон сол Тӯхтасин Ҷабборӣ ҳаёташро бо рӯзнома пайваст. Акнун ӯ фикри шеърро як сӯй гузошта буд. Як пояш дар омӯзишгоҳ буду ҳамроҳи устодонаш Ойтӯрахон Маннонов, Аҳмадҷон Дадоҷонов, Абдураҳмон Ҳамидов омӯзгорони ояндаро сабақ медод, аммо дил ҳамеша сӯйи идораи рӯзнома мекашид. Тӯхтасини ҷавон, ки дар омӯзишгоҳ мавқеъ ҳам дошту метавонист осуда кор кунад, роҳи сангини сухангустариро интихоб намуд, зеро ӯро аллакай романтикаи рӯзноманигорӣ, ранҷҳои ширини сухане ба сухане зам намудану сари ҳар маънӣ хуни дил хӯрдан, шабро сари сафҳаи рӯзнома ба субҳ пайвастан, бӯи ошнои ранги матбаа ба худ мекашид ва ӯ худро ихтиёран ба оғӯши ин мушкилиҳо афканд…

### *Дар пойтахт*

Аммо дил ташнаи дониш буду омӯзиш ва Тӯхтасин Ҷабборӣ ба Сталинобод ба донишкадаи омӯзгорӣ, барои идомаи таҳсил омад. Ҷавони пӯянда дар соли дуюми таҳсил аллакай гирандаи стипендияи сталинӣ буду фахри донишкада. Инчунин дар ҷодаи мунаққидӣ низ хома меозмуд. Солҳои 1940 – 1941 дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» мақолаҳои тадқиқотиаш аз ҳаёти ситорагони илму адаби ҷаҳон зуд-зуд ба чоп мерасиданд ва аз он дарак медод, ки дар ҷодаи адабиётшиносӣ боз як муҳаққиқи мӯшикоф ба камол мерасад, аммо ба сабаби беморӣ маҷбур шуд таҳсилро аз соли сеюм тарк кунад. Ҳамсабақаш Соҳиб Табаров, ки низ гирандаи идрори сталинӣ буду адабиётшиноси номдоре шуд, бо гузашти солҳо ҳам, ҳар гоҳи Ҷаббориро вохӯрдан афсӯс мехӯрд, ки ба музофот рафту адабиётшиносиро партофт…

### *Боз дар Конибодом*

Ҷанг дар зодгоҳаш низ аллакай аз худ асар гузошта буд. Ҳарчанд он садҳо километр дур аз Конибодом давом мекард, шаҳр намуди ҷангӣ гирифта буд. Соли дуюми ҷанг фавҷ-фавҷ ҷавонон ба ҷабҳа рафта, хаткашонҳо бо дили ларзон номаҳои «сиёҳ» меоварданд. Ҳар сатру ҳар саҳифаи «Роҳи Сталин» низ ба ҳимояи Ватан даъват мекард. Ҷабборӣ ҳам бо сар ба кор фурӯ рафта буд. Як бегоҳии тобистони соли 1942 бародараш Ашӯрбой ӯро наздаш нишонд ва суханро аз он сар кард, ки синни Тӯхтасин ба бист расида, кайҳо вақти оиладориаш ҳам омадааст. Чун дид, ки додараш лаб ба ҳарф намекушояд, сукутро аломати ризо дониста, «оҳанро дар гармияш кӯфт»:

-Ду сол пеш дар рӯихатгирии аҳолӣ ман ҳам масъул будам. Чун дар пур кардани ҳуҷҷатҳо мушкилӣ доштам, як духтари хушсимову дидадаро, донояках хеле кӯмакам кард. Ман пинҳонӣ аз аҷдодаш пурсуҷӯ кардам. Духтари Карим Нурмати кӯпас (купетс-тоҷир) будааст. Модараш ҳам зани босаводу дунёдида, бародарону хоҳаронаш одамони боилм.

Тӯхтасин гузаштаи на он қадар дурро ба ёд овард. Дар омӯзишгоҳ қоидае ҷорӣ будааст, ки барои аълохонҳо ҳар субҳ ношто медоданд иборат аз чою нону қанд. Ҳамон солҳо аз курси поёнӣ духтари зебое низ дар ин ношто иштирок мекард ва агар хато накунад, номаш Ҳабиба ва хоҳараки ҳамсабақаш Қамбарнисо буд. Шояд он духтаре, ки бародараш мегӯяд, ҳамон Ҳабиба бошад?

Бале, ин ҳамон Ҳабиба буд. Тақдир рӯзноманигори ҷавонро бо оилаи хубе пайваст ва чанд моҳ пеш аз ба ҷабҳа рафтан онҳо оила барпо намуданд.

### «*Ман ба майдон меравам*»

Аммо Тӯхтасин Ҷабборӣ дар ин солу моҳ, ки дар ҷанги ҷаҳон ҷони ҷаҳон мерафт, дар ақибгоҳ монда наметавонист. Моҳи октябри соли 1942 ӯ ба ҷабҳа рафт ва дар полки гвардиягии десантии ҳавоӣ ба тамрин шурӯъ кард.

«Моро барои амалиёт дар ақибгоҳи душман омода мекарданд,- ёд меовард Ҷабборӣ. –Чатрбозӣ, яъне бо парашют паридан, аз аслиҳаи гуногун истифода бурданро меомӯхтанд. Мо бояд дар заминҳои ишғолкардаи фашистон тахрибкорӣ мекардем. Аммо соли 1943 моро ба полки пиёданизоми тирандозӣ гузарониданд…».

Барои сержанти калон Тӯхтасин Ҷабборӣ ҷанг тирамоҳи соли 1943 ба охир расид. Баъди аз дасту пой захм бардоштан маскуни бемористон шуд, дурудароз табобат гирифт, баъди офият ёфтан низ муддате дар саф монд. Соли 1944 ӯро ба ақибгоҳ ҷавоб доданд. «Шароит ва захмҳо имкон надод, ки саркӯб шудани фашизмро дар лонааш бинам»,-бо ҳасрат мегуфт ӯ.

Бӯйи мушк, албатта, пинҳон намонд.



Дар идораи рӯзномаи вилоятии «Стахановчӣ» ба истеъдоди худодод ва ҳунари суханварии Тӯхтасин Ҷабборӣ дер боз эҳтиром қоил буданд ва муҳаррири рӯзнома ҳама имкониятро ба кор бурд то қаламкаши ҷавонро «зада гирад». Аз соли 1947 дар ин рӯзнома бо Раҳим Ҷалил, Муҳиддин Аминзода, Қурбон Баҳлулзода, Аскари Ҳилолиён, Аюб Умарӣ, Рауф Раҷабов дар як саф заҳмат кашид. Чун хабарнигори махсуси ин рӯзнома, ҳар ваҷаб хоки се ноҳия – Конибодому Исфара ва Аштро саропо қадам зад, ҳар рӯз, ҳар соат дар фикри кор буд. Аз муҳаррири рӯзнома, маҷрӯҳи Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ҳоҷӣ Содиқ бисёр чизҳоро омӯхт.

«Ҳоҷӣ -ако қадри суханварро хуб медонистанд. Қаламкашони боистеъдодро аз ҳар гӯшаву канор гирд оварда, «Ҳақиқати Ленинобод»-ро ба манзили орифон табдил дода буданд. Ҳатто аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя, аз Чимкенту Тошканду Ҷиззах, Самарқанду Фарғона омада, аз мактаби Ҳоҷӣ Содиқ баҳра мегирифтанд»,- он солҳоро ба хотир меоварданд Ҷабборӣ.

### *Бозгашт*

Баҳори соли 1953 ӯро ба идораи «Роҳи Сталин» ба кор фиристоданд. Вай медонист, ки кор дар музофот бамаротиб мушкилтар аст, аммо ихтиёрӣ ин бори гаронро рӯйи шонаҳои худ гирифт. Котиби масъули рӯзнома, як муддат иҷрокунандаи вазифаи муҳаррир ҳам буд. Ана ҳамон вақти муҳаррири муваққатӣ буданаш ӯ бо баъзе иқдомҳои ҷасурона ба забон афтод.

Соли 1956 ин ҷавонмарди ҷасуру пуркорро муҳаррири рӯзнома таъин карданд ва тирамоҳи ҳамон сол нашрия номашро ба унвони «Машъали коммунизм» иваз кард ва боқӣ сӣ соли тамом сарварии ин нашрияро Тӯхтасин Ҷабборӣ дар зимма дошт.

### *Равшанзамир*

Баъди ба муҳарририи рӯзнома таъин шудани Тӯхтасин Ҷабборӣ кори рӯзнома таҳаввули тоза гирифт. Ӯ, ки аз мактаби бузурги рӯзноманигорони соҳибқалам баҳраҳо бурда буд, бо афкори нав, нигоҳи ҷадид ба кор шурӯъ кард.

Ин сӣ соли сарварӣ мӯйҳои қиргунашро ба барфи сафед табдил дода бошад ҳам, ягон нафар боре надидааст, ки аз мушкилиҳо нолида бошад. Баръакс, кору кирдораш ҳамеша як низом дошт: бегаҳ аз дигарон дер ба хона мерафту субҳ қабл аз ҳама дар коргоҳ ҳозир мешуд. Гӯё ӯ аскаре буд ҳамеша дар хизмат ва як солу ду сол не, сӣ баҳору зимистонро бад-ин минвол сипарӣ кард. Дар ин сӣ сол як таърихи дароз пеши назар гузашт ва ӯ ин таърихро ҳамроҳи ҳамкорон, барои ҳамон рӯзу барои фардо дар саҳифаҳои рӯзнома сабт кард.

Дар хаёли мубориза алайҳи ноадолатиҳо, доғҳои рӯзгор бо ҳамдастии ҳамкори собиқаш Мавлонҷон Узоқов гӯшаи «Бигиз»-ро дар рӯзнома фаъол кард ва аз се шумораи як ҳафта ҳатман шуморае «бигиздор» мешуд.

### *Се рӯзнома зери як бом*

Соли 1962 барои Тӯхтасин Ҷабборӣ санҷиши наве пеш овард. Рӯзнома ба нашрияи Кумитаи марказии ҳизби коммунисти Тоҷикистон ва Шӯрои Вазирон табдил ёфт. Чопи рӯзномаҳои навоҳии Исфараву Ашт мутаваққиф шуда, теъдоди бисёре аз рӯзноманигорони ин ду ноҳия ба Конибодом ба кор омаданд. Акнун Ҷаббориро лозим меомад бо одамони гуногун, хислатҳои гуногун, ки як ҷамоаи бузургро ташкил медоданд, сарукор дошта бошад. Ӯ сарвари муваффақ ҳам шуд. Ба чор атроф давида, кормандони омадаро бо манзил таъмин ва асбоби маишати онҳоро муҳайё намуд. Ҳар гӯшаю ҳар деҳаи ноҳияҳои Конибодому Исфара, шӯрзамини Ашту кӯҳистони Ворух барои Ҷабборӣ ошно буд, зеро вақти мухбири махсуси рӯзномаи вилоят будан зиёда сафар ҳам карда буд ба ҳар минтақа. Ӯ тавонист ҷамоаи зери дасташро сафарбар намояд ва ягон рӯйдод, бигзор он дар дурдасттарин гӯша ҳам бошад, аз назар дур намонд.

### *Ёд бод он рӯзгорон...*

«Машъали коммунизм»-и Тӯхтасин Ҷабборӣ барои даҳҳо бузургони илму адаб чун майдони парвоз хизмат кардааст. Шоир, муаррих ва муҳаққиқ Алӣ Бобоҷон, адибу рӯзноманигор ва донишманди мумтоз Ӯктами Холиқназар, олими варзида Абдушукури Беҳрӯз, адибон Юсуф Аҳмадзода, Ғании Ҷӯразода, Нозирҷон Боҳирӣ, Акбар Қодирӣ, Зайниддин Дӯстматов, Эргашалӣ Шодиев, Фозилҷон Зокирӣ ва бисёр дигарон аввалин машқҳои худро дар ҳамин рӯзнома чоп кардаанд ва фотиҳаи ин пири суханро гирифтаанд.

«Он кас одами дарёдил, бисёр меҳрубон буданд. Баъди ба Душанбе, барои таҳсил рафтану он ҷо монданамон ҳам ҳар гоҳ ба пойтахт меомаданд, ҳатман моро хабар мегирифтанд. Умед доштанд, ки мо ба ин даргоҳ бармегардему рӯзномаи ноҳияро обод мекунем. Як инсони софдил буданд, ки бисёр ба некӣ ёдашон меорам», -мухтасар иброз дошт розҳои дилашро устод Алӣ Бобоҷон.

### *Ҳар куҷо марди бузургест, гирифтори зан аст...*

Тӯхтасин Ҷабборӣ бар ин поя намерасид, агар тақдир ӯро ба зани оқилаву солеҳа Ҳабиба Каримова намепайваст. Ин гуфтаҳо муболиғае надорад, ҳақиқатест ки Шайх Саъдӣ ҳам тасдиқаш карда: «Зани хуби фармонбари порсо, кунад марди дарвешро порсо».

Бале, камолу тавфиқи Тӯхтасин Ҷабборӣ ба посбони оташи хонадонаш бастагӣ дорад. Занҳои аксар бузургони замони шӯравӣ хонашин буданд, зеро барои мавқеъ пайдо кардани ҳамсарашон саришторӣ дар оила зарур буд. Дар оилаи Ҷабборӣ баръакс, ҳар ду ҳам вазифаи масъули сарвариро ба зимма доштанд, ҳар ду ҳам субҳ ба кор мерафтанд, дар дасти ҳар ду ҳам тақдири одамон. Аммо Тӯхтасин Ҷабборӣ дар оила хотири ҷамъ дошт, зеро Ҳабибахон дар мактаб сарвари сахтгир, ба ноадолатию камбудиҳо оштинопазир, аммо дар хона ҳамсари дӯстдор, модари меҳрубон буд. Бо он ҳама серкориҳо, сарварии бузургтарин мактабро ба зимма доштану як ҷаҳон корҳои ҷамъиятиро бар шонаҳои наҳифаш бардоштан ин зан тавонист кадбонуи шоистаи як хонадони бонуфуз боқӣ бимонад.

Бонуи хонадони Тӯхтасин Ҷабборӣ будан як олам ташвиш дошт. Ҳафтае набуд, ки аз дарвозаи он меҳмоне надарояд. Аз Турсунзодаву Ҷалол Икромӣ то Шукӯҳиву Раҳим Ҷалил ҳар гоҳ гузарашон ба Конибодом афтад, ҳатман меҳмони ин хонадон мешуданд. Ҳоҷӣ Содиқ ҳамеша вақти тутпаз гурӯҳи ёронро ҳамроҳ меовард ва яке болои тути калони рӯйи ҳавлӣ баромадаву дигарӣ гирдаш давр зада, бо ҳазлу шӯхӣ тут мехӯрданд. Ҳабибахон ҳамаи меҳмононро бо хушзабонӣ пазироӣ мекард.

Тӯхтасин Ҷабборӣ ин ҳама захматҳои ҳамсарашро қадр мекард ва мудом ба ӯ «Ҳабибахон» гӯён муроҷиат мекард. Дар ин хонадон ҳамеша эҳтироми якдигар ҳукмфармо буд ва ин ҳурмат рӯзгорашонро файз мебахшид. Агар Ҷабборӣ худро бедареғ ба кор бахшида, ба комёбиҳо ёр шуда бошад, Ҳабибахон низ дар соҳаи худ тавфиқ ёфт. Ба болои ҳама мукофотҳояш унвони олии замони шӯравӣ - Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ зам гардид, аммо ҳамоно ҳамсари содиқ ва посбони оташ боқӣ монд. Имрӯз Ҳоҷӣ Ҳабибахон Каримова дуогӯйи панҷ фарзанду бибии меҳрубони набераҳои зиёд аст ва аз пири равшанзамир Тӯхтасин Ҷабборӣ, ки шаст сол бо ҳам тифоқ зистаанд, ба некӣ ёд мекунад.

### *Қадри одам баланд аз хоксорӣ мешавад*

Фарзандони ду одами обрӯманд, ду мансабдор, ду назаркардаи халқ чӣ гуна бошанд? Ҳамаи панҷ фарзанди Тӯхтасин Ҷабборӣ ва Ҳабибахон Каримова чун падару модари худ одамони хоксоранд ва ҳамранги ҷамоат буданро барои худ қарз донистаанд.

Фарзанди якуми хонадон Иноятхон аз пайи холааш— номзади илми тиб, Пизишки шоистаи Тоҷикистон Қамбарнисо Каримова рафт ва қариб чиҳил сол дар ҳифзи сиҳатии мардум хизмат кард ва алҳол дар хизмати мардум аст.

Писари бузурги ин хонавода Анварҷон муаллими фанни таърих, инсони бозаковат солҳо ба яке аз аввалин мактабҳои ин қаламрав – мактаби ба номи Шарифҷон Ҳусейнзода сарварӣ мекард ва алъон низ аз афроди донишманди маҳалли зист аст.

Саодатхон дар омӯзишгоҳи омӯзгорӣ, даргоҳе, ки падару модараш замоне илм омӯхтаанд, бо тарбияи омӯзгорони оянда машғул аст.

Рустамҷон аз пайроҳаи илм қадам зад. Номзади илми иқтисод, муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Доктори илми филология, профессор Марҳабохон духтари хурдии оила мебошад. Марҳабо Ҷабборова вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон мебошад.

Ба қавли шоир Алӣ Бобоҷон, тақдир ба ин оила домоду арӯсони соҳибзавқу фаросатмандро муносиб дидааст ту ҳамаи онҳо инсонҳои соҳибному соҳибқаламанд.

*Маҳмуди АШӮРМУҲАММАД*




### Фаъолияти «Тоҷикхориҷакор» дар Россия

**ДУШАНБЕ. (Д. МЕРГАНОВ, «Садои мардум»)** Вазорати адлияи Федератсияи Россия ба КВД «Тоҷикхориҷакор»-и Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатномаи дахлдорро барои роҳандозии фаъолият дар ҳудуди ин мамлакат дод. Бино ба иттилои аз хадамоти номбурда дастрасгардида, аллакай намояндагиҳои КВД «Тоҷикхориҷакор» дар шаҳрҳои Москва ва Санкт- Петербург ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Ояндаи наздик ифтитоҳи намояндагиҳои корхона дар шаҳрҳои дигари Федератсияи Россия низ дар назар аст.

### Зардолуи Айваҷ пухт

**ШАҲРИТУС. ( Д. СУЛТОНОВ, « Садои мардум»)** Мавзеи дурдасти Айваҷ яке аз минтақаҳои гармтарини ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Чунин иқлими гарм ба бошандагони ин мавзеъ имкон медиҳад, ки ба кишту парвариши зироатҳои барвақтӣ ва меваҳои пешпазак машғул шаванд. Аз ҷумлаи чунин меваҳо зардолуи пешпазак мебошад, ки аллакай деҳқонон ба ҷамъоварии ҳосили он оғоз намуданд. Тоҷирони бозорҳои шаҳрҳои Душанбею Қӯрғонтеппа ва дигар мавзеъҳои кишвар ба ин ҷо омада, ҳар як килограмм зардолуро бо арзиши даҳ сомонӣ харидорӣ мекунанд. Боғдорони айваҷӣ ният доранд, ки ангури пешпазаки чиллагиро низ аз ҷумлаи аввалинҳо шуда, пешкаши мардум гардонанд.

### Сел талафоти ҷонӣ овард

**МӮЪМИНОБОД. ( Т. ФАЙЗАЛӢ, « Садои мардум»)** Бар асари боридани борони шадид ва омадани сел шаби 21 апрели соли равон дар як қисми ноҳияи Мӯъминобод хисороти зиёди молию ҷонӣ ба амал омад.

Аз ин ҳодиса бештар сокинони деҳаҳои Душанбе, Файзобод, Ҳанатароши деҳоти «Деҳбаланд» ва Деҳлолои деҳоти «Кӯлчашма» бештар зарар диданд. Борони сел дар маҷмӯъ 173 хонаро қисман вайрон карда, 86 гектар киштзори ғалла, 14 гектар майдони картошка ва 65 сар чорвои калону хурдро нобуд намуд. Сокини 34- солаи деҳаи Душанбе Моҳшариф Каримова бар асари ин ҳодиса ҳалок гардид.

### Об омад – ободӣ омад

